# МУНОЗАРА



Абдурраӯфи Фитрат

Китоб бо маблағи таҳиягар чоп шудааст.

Ҳозиркунандаи нашр, таҳиягари луғату тавзеҳот ва муаллифи сарсухан
**ПАЙВАНДИ ГУЛМУРОД**

Государственная
респуб. библ. Тад. ССР
им. А. Фирдоуси
483 | 29

...Агар таълими улум сабаби харобии дунйо ва маъталии корҳо мешуд, пайғамбар ба хабари ҳикматасари «Утлуб-ул-илма ва лав би-с-Сини», «Утлуб-ул-илма мин-ал-маҳди иллал лаҳади», «ал-илму иззу-д-дунйо ва шараф-ул-охирати» умуми уммати худро ба таҳсили илм даъват намекард...

* * *

Ҷамъяти куфр аз парешонии мост,
Ободии бутхона зи вайронии мост.
Ислом ба зоти худ ҳамон аст, ки буд,
Ҳар айб, ки ҳаст, дар мусулмонии мост.

Ислом дини мост, ислом шарафи мост, ислом саодати мост, ислом боиси сарфарозии мост, ислом сабаби осоиши мост, исломро пайғамбари мо ба мо амонат супориданд.

Бухоро Ватани муқаддаси мост, Бухоро модари меҳрубони мост, Бухоро ҷои нашъунамои мост, Бухоро маъшуқи азизи мост, Бухоро маҳбуби ба ҷон баробари мост, Бухоро аз мост, мо аз Бухороем!

* * *

Эй, ононе, ки ин китобчаи маро мехонед! Агар муҳаббате ба дин, ба Ватан, ба мол, ба ҷон, ба авлоди худ доред, агар чораи истихлоси дин, ривоҷи шариат, ободии Ватан, осудагии авлод, бақои номи некро мехоҳед, илоҷи. Шумо аввал касби маориф аст. Мустаъидонро барои таҳсил ба пойтахти хилофати исломӣ фиристонед: номустаъидонро дар Бухоро ба кушоди макотибу мунтазама ионат намоед.

Соният, иттиҳод бо ҷамеи фирақи исломия, яъне ҳар як калимаи «ло илоҳа илла-л-лоҳу Муҳаммадун расулу-л-лоҳ» гӯяд, ба ҳар мазҳабе, ки бошад, ӯро мусулмон донед.

Возеҳтар гӯем: ихтилофи шиаву сунниро аз миёна бардоред: онҳо, ки шуморо аз тавассул ба ин асбоб манъ менамоянд, хоинони исломанд. Фиреби онҳоро нахӯред! Биллоҳу валлоҳ, на таҳсили умуми ҳозира ҳаром аст, на иттиҳоди ислом!

## АБДУРАУФИ ФИТРАТ ВА «МУНОЗАРА»-И Ӯ

Дар ибтидои садаи бистум бо кӯшиши рӯшанфикрону зиёёни пешқадами тоҷик ҳаракате баҳри ислоҳи таълиму тадрис дар макотибу мадорис, таъсиси мактаби ҷадид, саводнокии комили мардум ва бедории завқу шавқи онон барои огоҳӣ аз воқеоту рӯйдоди олам ба вуҷуд омад, ки баъдтар бо номи ҷараёни ҷадидия машҳур гардид.

Бо ин мақсад аввалин асарҳои публицистӣ иншо гардид ва рӯзномаю маҷаллаҳо таъсис шуд. Нахустин асари хешро **Абдурауфи Фитрат** — адиби доно ва тавонои тоҷик яке аз сарварони ин ҳаракат, ки ба ибораи С. Айнӣ «тамом дар мактаби ҷандид ва инқилоб тарбия ёфтааст», ба шарҳу баёни мақсаду мароми ҳаракати ҷадидӣ бахшидааст.

**«Мунозараи мударриси Бухороӣ бо як нафар фарангӣ дар Ҳиндустон дар бораи макотиби ҷадида»**, ки дар байни хонандагон бо номи **«Мунозара»** маълуму машҳур аст, соли 1909 дар Истамбул бо харҷи худи муаллиф нашр ва пинҳонӣ дар аморати Бухоро паҳн карда шуд.

Нависанда барои пуртаъсир ва нишонрас гардидани асараш аз жанри маъмули публицистӣ — мусоҳиба истифода карда, макони баҳсро Ҳиндустон қарор медиҳад.

Зеро агар, аз як тараф, Ҳиндустон низ дар тасарруфи мамлакати дигар — Инглистон бошад, аз сӯи дигар, мактаби ҷадид дар ин ҷо хеле пештар таъсис ёфта буд ва муаллиф тараққиёту пешравии Ҳиндустонро аз файзи мактаби ҷадид медонад...

Дар асар фарангӣ ҳамчун намояндаи усули таълими ҷадид ва мударрис вакили мактаби қадим ба қалам дода шудава аз ин ҷост, ки фарангӣ шахси оқилу доно, сухандону забондон, нуктафаҳм, одаму оламдида, аз мактаби ҷадиду рӯзнома ва маҷаллаҳои нав хеле баҳра бардошта ба назар мерасад. Даъвати ӯ нишонрас аст:

**«Агар мутолиаи ҷароиди исломиро ҳаром нагуфта, балки худатон низ** гоҳе мехондед, **имрӯз илоҷи** дарди исломро аз **ман, ки кофирам намепурсидед. Ҳоло вазифаи инсонияти ман аст, ки илоҷи ҳарчи дарди Шумо бошад, як-як ба хидмат шарҳ бидиҳам».**

Фарангӣ илоҷи дармони ин дардро, пеш аз ҳама, дар омӯзиши илм мебинад ва барои исботи фикру тақвияти андешаҳояш ва рафъи шакку шубҳаи мардум аз ҳадисҳои ҳаз-

рати пайғамбар (с) намунаҳо меоварад, ки чун бурҳони қотеъ хидмат кардаанд:

**«...Агар таълими улум сабаби харобии дунйо ва маъталии корҳо мешуд, пайғамбар ба хабари ҳикматасари «утлуб-ул-илма ва лав би-с-Сини»; «Утлуб-ул-илма мин-ал-маҳди ил-лал лаҳади»; «ал-илму-иззу-д-дунйо ва шараф-ул-охирати» умуми уммати худро ба таҳсили илм даъват намекард».**

Вақте фаранги аз забони мударрис мефаҳмад, ки уламои Бухоро «китобҳои дарсии арабиро, ки худи мо дар замони муллобачагиамон дар назди устодҳо хонда будем, як шаб меҳнат карда ним саҳфае аз онҳоро мутолиа мекунем», бо афсусу дилсузӣ, аламу надомат нидои ӯ баланд мешавад:

**«Бечора Бухорое, ки мисли Бӯалӣ, Форобӣ фарзандони рашид парваридӣ, ба чунин рӯзи сиёҳи бекасӣ нишаста, Бухорое, ки дамдамаи кӯсу шӯҳрати илму фазлаш бегонагонро ба иқрори шарофат маҷбур кардӣ, ба ин пояи ҷаҳл ва фалокат расида!!!»**

Мударрис аз баҳси фаранги баҳраи зиёде бардошта, дар охири мунозара бо арзи сипосу эҳтироми хосса лаб ба сухан во мекунад:

«Шумо хуб марди донишманде будед. Воқеан тамоми дардҳои Ватану миллати моро ёфта, илоҷашро некӯ баён намудед. Зотан мо низ дар бораи ин ки **«аввалин наҷотдиҳандаи мо илм аст»**, мухолифат надорем, иштибоҳи мо мактаби ҷадид ва таҳсили улуми ҳозира буд, ки инро бо камоли хубӣ рафъ намудед, аз мусоҳабати ҷаноби шумо масрур гардидам».

Муаллиф дар хотима, аз як тараф, «рӯи каламро ба сӯи олиҳазрат падари меҳрубони бухориён, падари миллатпаноҳ» гардонида, хоҳиш мекунад, ки «раҳме ба ҳоли раияти барҷомондааш сохта, хидмате ба шариати Анвари Муҳаммадӣ, ки аз ҷониби ҳақ супурдашудае ба вуҷуди муборакат аст, намуда, ба танвири афкору тавсеи маорифи миллати аз по фитодаи худ иқдоме кун. Бале, чунин кунанд бузургон чу қард бояд кор».

Аз тарафи дигар, ҳамватанони азизу бародарони динии мӯҳтарами худро чун марди Ватандӯсту исломпараст даъват мекунад, ки аз ғафлату танбалӣ раҳоӣ ҷӯянд: **«Ислом дини мост, ислом шарафи мост, ислом саодати мост, ислом сабаби осоиши мост, исломро пайғамбари мо ба мо амонат супорида.**

**Бухоро Ватани муқаддаси мост, Бухоро модари меҳру-**

**бони мост, Бухоро ҷои нашъунамои мост, Бухоро маъшуқи азизи мост, Бухоро маҳбуби ба ҷон баробари мост. Бухоро аз мост, мо аз Бухороем!**

**Пас, ба ин қадар ғафлат, танбалӣ, бехабарӣ, беғайратӣ нишаста нобудии ин дини мубин, поймолии ин Ватани муқаддасро бо камоли бешарафӣ қабул кардани моро ҳеҷ шариат, ҳеҷ урф қабул нахоҳад кард, балки уқалои олам, ҳаммиятмандони дунйо моро лаънат карда, хориҷ аз силки инсониятамо хоҳанд шумурд.**

**Бародарон! Қадре ба ҳуш оед. Инсон ашрафи махлуқоти рӯи замин аст, шарафи инсон ба соири махлуқот ҳамин аст, ки инсон қобили тараққиву таназзул аст, соири ҳайвонот не».**

«Мунозара» кӯшиши нахустин буд дар роҳи ҳидояти мардум ба мактаби усули ҷадид, хештаншиносию Ватандӯстӣ ва иттифоқу иттиҳод, ки имрӯз низ аҳамияти махсус дорад:

**«...Ихтилофи шиаву сунниро аз миёна бардоред: онҳо, ки Шуморо аз тавассул ба ин асбоб манъ менамоянд, хоинони исломанд!**

**Фиреби онҳоро нахӯред! Биллоҳу валлоҳ, на таҳсили улуми ҳозира ҳаром аст, на иттиҳоди ислом!».**

«Мунозара», ки бо назардошти рӯҳияи мардуми Бухоро ва забони соддаву возеҳ иншо гардида буд, ба шаҳодати устод Айнӣ «ба халқи Бухоро хеле таъсири хубе бахшид» ва ба кӯшиши равшанфикрону мударрисони тараққипарвар, аз қабили Абдулқодир — маҳдум дар саросари аморат паҳн ва маънидод карда мешуд.

«Мунозара» ба зудӣ ба забонҳои ӯзбакӣ ва русӣ аз тарафи Ҳоҷӣ Муин ва Ягелло тарҷумаву дар Самарқанду Тошканд ба нашр расид, вале русиашро барои истифода иҷозат надоданд.

«Мунозара»-еро, ки солҳои сол дар рафъи китобхонаҳо хобида, миқдори ками хонандагон аз он истифода кардаанд, пешкаши ҳаводорону муштоқони осори ниёгон гардонида, умед бар он дорам, ки аз он баҳрае бардошта, дар талаби илму маориф кӯшиши бештаре ба харҷ диҳанд ва дар ҳалли масоили доғи рӯз мададгори ҳамдигар бошанд.

## МУҚАДДИМА

Ҳамтавонони азизам, миллати наҷибаи Бухороро пӯшида нахоҳад буд, ки муддатест ихтилофи ҷадид ва қадим, ки мабдааш ба ҷуз иштибоҳкорӣ ва фасодангезии баъзе хоинони миллат чизи дигар нест, Ватани муқаддаси моро фаро гирифта, ҷамоаи муттаҳидаи аҳолиро ба унвони ҷадид ва қадим ду фирқа ва ҳар кадомро нохушнуди они дигар намуда!

Бадеҳист, ки сабаби умдаи хорӣ ва харобии мусулмонон нест магар ҳамин ихтилофоти маъно! Бинобар он ҳар кӣ худро ходими дини мубини ислом медонад, мекӯшад то ин ихтилофи хонабарандозро аз миёни мо бухориён бардорад.

Банда ҳам ин яке аз соликони ин маслаки муқаддас будам, дар ин айём бо ҳикояте тасодуф кардам, ки муштамил аст бар мунозираи як нафар мударриси бухорой, ки озими Ҳаҷ буда, бо як нафар фарангӣ дар Ҳиндустон дар бораи усули ҷадид ва қадим. Аз он ҷо ки ҳикояти мазкура ин масъаларо ба таври акмал ҳал намуда буд, хостам, ки ӯро ба сурати як рисола, аммо ба таври муҳовараи бухориён тартиб дода нашр намоям. Шояд бад-ин васила, ҳамватанони мӯҳтарами ман аз ҳақиқати масъала мутталеъ шуда, тарки ихтилофоти мавқеро гуфта, ҳама билиттифоқ ба тариқе, ки ҳақ аст, иқдом намоянд.

Биллоҳи тавфиқ ва алайҳи туклон

**Фитрати Бухорой**

**Ф*.** — Аҳвол ба хайр?
**М*.** — Алҳамдуллиллоҳ, ало кулли ҳол.
**Ф.** — Ҷаноб, шумо аҳли куҷоед?
**М.** — Аҳли Бухорои шариф.
**Ф.** — Қуҷо меравед?
**М.** — Байтуллоҳ.
**Ф.** — Дар Бухоро чӣ кор мекардед?
**М.** — Ман аҳли илмам, шуғлам мударрисӣ буд.
**Ф.** — Бухоро чи гуна ҷоест?
**М.** — Бухорои шариф шаҳрест бузург, маъдани улуми мутакасира [1] ва манбаи меваҳои мутавофира [2].
**Ф.** — Бухороро, ки шариф мегӯянд, аз баракати зиёдати улум аст ё ба ҷиҳати касрати [3] меваҷот?

---

* Ф. — Фарангӣ
* М. — Мударрис.

М.— Ман ҳар кадоми инҳоро як иллати[4] мустақилан шарофати Бухоро медонам.

Ф.— Қасрати мевачот, ки иллати шарофати як мулк намешавад.

М.— Бисёр хуб. Шумо зиёдати улумро иллати шарофати Бухоро аҳз кунед.

Ф.— Бале, аммо донистани қувваи илмияи як мулк мавкуф аст ба донистани афроди уламои он ҷо. Пас, бифармоед, ки ҳамагӣ мардуми Бухоро чанд аст?

М.— Бародар! Ман як одами корнок будам. Маро чи ки кӯчаҳои Бухороро гашта, одамҳои ӯро шумурда бошам.

Ф.— Ҳошо, ман кай ҳамчу таклифе намудам. Магар дар мулки шумо ҷуғрофиё намехонанд?

М.— Мардака, ман мударрисам, шабҳо дарс медидам, рӯзҳо дарс мегуфтам. Қай дастам холӣ шудааст, ки ин тавр китобҳои ҳикоятро хонда бошам. Ин китобҳо дар Бухоро нест. Агар ҳам бошад, ба хонаи бойҳое, ки ба қиссахонӣ ҳавас доранд, будагист.

Ф.— Яъне чи ҷуғрофиё китоби ҳикоят нест. Илмест касирулфоида, дорои чанд қисм аст. Дар як қисми он ки истатистик (статистик) меноманд, нуфуси ҳар мамлакатро баён мекунад.

Аз матлаб дур наафтем, Шумо ки намедонед, ман арз мекунам: Бухоро собиқа 10 милион нуфус дошт, ки алъон 8 миллиони он ба тасарруфи рус рафта, 2 миллион ё камтари он боқист. Аз он ҷумла 70 ҳазор нафар дар даруни шаҳранд, дигарҳои он ба атроф. Ҳоло бифармоед, ки ин 2 милион одам ҳамагӣ олиманд ё на?

М.— На, ҳамагӣ олим будан мумкин нест. Агар ҳама олим шаванд корҳои дигар маътал мемонд.

Ф.— Нисфи онҳо илм доранд?

М.— На.

Ф.— Рубъашон дорои илм ҳастанд?

М.— Не, ғайри он 70 ҳазор нафари шаҳрӣ, дигарон маслубулилманд.

Ф.— Онҳо, ки маслубулилманд, хат ва саводи зарурӣ доранд?

М.— Ай вой, мо онҳоро одам ҳисоб намекунем. Аз ин 70 ҳазор нафари шаҳрӣ пурсед.

Ф.— Он 70 ҳазор нафари шаҳрӣ ҳама аз улум баҳраманданд?

М.— Не.

Ф.— Нисфи онҳо олиманд?

М.— Не. Тафсили аҳволи илмияи Бухоро ин аст, ки дар он ҷо аснофи мутааддида мавҷуданд. Масалан, синфе то-

чир, гурӯхе сарроф, фиркае чойфурӯш, баъзе машкоб, муште гадо, дастае бекор, ҷамоае аҳли илм.

Ф.— Аз қарори гуфтаи шумо бояд ин 70 ҳазор нафар низ бист қисм ва як қисми онҳо аҳли илм бошанд?

М.— Боракаллоҳ.

Ф.— Пас он 19 қисми дигар хату саводи зарурӣ доранд ё на?

М.— На ҳамагӣ. Аммо маъдуде аз онҳо, алҳамдуллилоҳ, хат ва саводи зарурӣ доранд.

Ф.— Истидъо[5] мекунам, шӯхӣ накунед, дуруст ҷавоб диҳед.

М.— Ҳар чӣ гуфтам маҳз сидқ аст, шӯхӣ нест.

Ф.— Аҷабо, мурод аз ин фармоишот чист? Бухоро маъдани илм ва он гаҳе ба ин бе илмӣ, яъне чӣ? Қӯсаи ришкалон, биҳишти ноободон чӣ маънӣ дорад? Аз ин исми бемусамо фоида кадом аст? Оё дар дунё чунин мулке ҳаст, ки подшоҳ ва раият дар як дин ва ҳама ин халоиқ аз зарурияти динии худ беҷабр во карда маҳрум бошанд? Ҳиндустон ва Миср муддатест ба тасарруфи мост. Бо он ки мо душмани дини шумоем, дар миёни онҳо бе илм пайдо намешавад, то чӣ расад ба бесавод. Бечора мардуми Бухоро! Аз илм, ки иззи дунё ва шарафи охират аст, ин ҳама маҳрум мондаанд. Охир аз ин зиндагии беилм, ки ҳосилаш ҳазор гуна зиллат аст, чи ҳазз[6] мебурда бошанд?

Ҷаноби мударрис! Он чи фармудед, ки агар ҳамаи мардум ба таҳсили илм кӯшанд, корҳо маътал мемонанд, воқеан ақидаи шумо ин аст? Баъд аз он ки ақидаи шумо ин аст, ақидаи соири ҳамтаванонатон чист?

М.— Бале, ақидаи ман ҳамин аст. Хамватанонам ҳам дар ин ақида бар ман шариканд. Албатта, агар ҳамаи мардум ба таҳсили илм бикӯшанд, касбу кор маътал мемонад ва дунё хароб мешавад.

Ф.— Ин ақидаи шумо ва ҳамватанонатон ботил аст.

М.— Чаро?

Ф.— Бо далели ин ки агар таълими улум сабаби харобии дунё ва маътали корҳо мешуд, пайғамбар ба хабари ҳикматасари «утлуб-ул-илма ва лав би-с-сини», «утлуб-ул-илма минал маҳди иллал лаҳади», «ал-илму иззу-д-дунё ва шараф-ул-охирати»[7] умуми уммати худро ба таҳсили илм даъват намекард. Ҳам дар сурате, ки кори Бухоро дар миёни ин қадар ҷоҳил низоме дорад, баъд аз он ки аҳолӣ олим шуд, муназзамтар мешавад. «Ҳал яставӣ л-лазина яъламуна ва-л-лазина ло яъламун».[8] Афсӯс, шумо тоифаи муслимин аз маонии Қуръ-

он ва ҳадис зиёда дур шудед. Ҳамин алфози Қуръонро хонда ба рӯҳи падарони худ мебахшед, дигар хаёл намекунед, ки ин маҷмӯи муборакро ҳазрати ҳакими азал ба тавассути малики бузургвор ба аввалин уқалои олам бекора набояд фиристода бошад. Албатта, инро асроре хаст, диққат кунем, авомири ӯро ба кор барем, аз навоҳии ӯ парҳез намоем.

Мо, фарангон, бо он ки душмани дини мубини шумоем ва хусумати динии мо тақозо мекунад, ки Қуръон ва аҳодиси шуморо бисӯзем, ҷиҳати ҷалби манофеи худ хусумати динии шуморо канор гузошта, ба Қуръон ва аҳодиси шумо диққат намудем, ба амраш кор бастем, ба ин тараққиёти фавқулодда расидем ва шумо ба воситаи ғафлат аз аҳкоми саодатанҷоми Қуръон ва мазоммини ҳикматоини ахбор ба ҳазизи[?] танозуллоти ҳолия афтодед.

Агар 200 сол пеш аз ин ҳазор нафар мусулмон ба ҳикматҳои қуръонӣ ва асаре муталлеъ мешуданд, ҳоло мамолики аз даст рафтаи исломӣ, ки басти 18 аст, аз даст намерафт, балки дастгоҳи тараққиётеро, ки ба мо мебинед ва тааҷҷуб мекунед, бешоибаи райб мо дар шумо медидем. Ҳоло бифармоед, ки толибилмони шумо чи гуна ва аз кадом илм таҳсил мекунанд?

М.— Вақте ки бача мактабро тамом кард...

Ф.— Таксир мекунам, бубахшанд, мактаб чист? Ва бача дар он ҷо чӣ мекунад ва чанд сол мемонад?

М.— Ҳо, воқеан мардумони мактабнодида хеле беақл мешаванд? «Алҳамдуллилоҳ ало диналислом».

Ф.— Истидъо мекунам, ин ҳарфҳоро гузоред. Бифармоед он мактабе, ки шумо аз диданаш ба ақл ва ман аз ноидданаш беақлам, чӣ чиз аст?

М.— Мактаб ҷоест дорои як нафар муаллим, ки мактабдораш мегӯянд. Бачаҳо дар он ҷо 7 сол то 10 сол мемонанд, то хат ва саводи заруре бароранд. Баъд аз он алалхасби хоҳиш дар мадраса рафта ифтитоҳи дарс мекунанд.

Ф.— Чанд сол дарс мехонанд?

М.— 20 сол, ҳар сол 6 моҳ.

Ф.— Чаро шаш моҳ мехонанд? Шаш моҳи дигарро чӣ мекунанд?

М.— 6 моҳи дигар ба саҳроҳо рафта, имомат карда, харчи ифтитохро ба даст меоранд.

Ф.— Мушкил дуто шуд. Харчи ифтитоҳ чист?

М.— Муллобачаҳо дар вакти таҳсили соли аввал китоберо, ки дар таҳсили соли дуюм мехонанд, бояд ифтитоҳ кунанд. Дар он вакт аз ҳар кас ба кадри ҳол, масалан аз 20 танга ило 500 танга чамъ намуда, ба ҳазрати устод мебаранд.

Ф.— Ҳо, фаҳмидам. Аммо магар ин ҳазароти асотиза вазифаи [10] муайян надоранд?

М.— Доранд.

Ф.— Чӣ кадар вазифа доранд?

М.— Вазифаи охунд, ки шахси аввали уламои мост, 25 ҳазор танга вакфи муқаррар, агар олим хуб бошад аз мӯҳр ҳам 10 ҳазор танга мегирад.

Ф.— Агарчи ин тафсири шумо ба назарам ачиб меояд, аммо ду фукраи сонӣ хеле ачибтар аст. Аввал ин ки фармудед, ки «агар олим хуб бошад» ин ҳам мумкин аст, ки касе, дар аъломартабаи аҳли илм расад, дар ҳолате ки олими хуб набошад? Сониян гуфтед, ки «аз мӯҳр 10 хазор танга».

Ин чӣ маънӣ дошт? Мӯҳр дар мамлакати шумо чи гуна пул медиҳад?

М.— Бародар, шумо мисли мардумони дар дашт калон шуда менамоед. Роҳу расми дунёро намедонед. Муаххаз, яъне мартабаи охундӣ, аъламӣ, муфтигӣ, мударрисии Бухороро чаноби олиҳазрати амир ба тавассути қозикалон медиҳанд. Ба ин тариқа, ки қозикалони мазкур ҳар касе, ки лоиқи як муаххаз бошад, арз мекунад. Он вакт ярлике ба номи ӯ меояд.

Ф.— Дар сурате, ки қозикалон ҳар касро ба ҳадди лаёқат ба муаххаз арз мекунанд, шахси беилм ба мансаби охундӣ ба чи тариқ фоиз мешавад?

М.— Муштабеҳ фаҳмидед. Ҳар касро лоиқ донанд, на ҳар касе, ки лаёқат дорад.

Ф.— Пас, шахси беилмро чи гуна, ба кадом вичдон лоики оҳундӣ медонанд?

М.— (Ай худо сухан аз парда бурун афтод) Бародар, чаноби ҳазрати қозикалон шахси бузурганд ва олиманд, муқтадои уламоянд, илова бар ин тараф эътимоди ҳазрати подшоҳанд, ҳарчӣ ки ба ҳар кас лоиқ диданд, дигар чуну чаро менарасад.

Ф.— Фахмидам, аммо ман мегӯям, ки дар сурате ки он ҷаноб муктадои уламо, яъне ба ҳукми алуламоу уманоуллоҳи [11] саромади аминони даргоҳи иллоҳӣ бошанд, ба кадом виҷдон, ба кадом диёнат, ба чи илм, ба чи мусулмонӣ шахси беилмро ба мансабе, ки хоссаи уламост, лоиқ медонанд?

М.— Яъне ҳар кас тамаллуқи бештар кард, рӯзе се маротиба ба дарбори гардунмадорашон рафта таъзиме ба манзалаи рукӯъ баӣсуҷуд ба ҷо оварад, он вақт ба тарафи ӯ рише ҷунбонида саре такон дода, табассуме менамоянд. Аз ин маълум мешавад, ки номи ӯро ба дафтари мунофиқин дарҷ хоҳанд кард. Баъди ду-се рӯз ярлике ба номи ӯ меояд. Он вақт ӯ шуд мударрис ё муфтӣ. Ва лав кону ҷинун баҳтун.

Ф.— Ин яке аз асбоби харобии бечора Бухорост. Оё дар сурате, ки аминони даргоҳи иллоҳӣ иртикоби ин тариқа хиёнатро намоянд, ҳоли соирин чӣ бошад!!! Назар ба баъзе қароин бояд аз шумо хеле маълумоти аҷиба ҳосил намоям. Фармоед пул додани мӯҳр аз чӣ қабил аст?

М.— Ҳой, бечораи фарангӣ. Илм надорӣ намедонӣ, ки мӯҳр ҷомид[12] аст, ҷомид қобили иштиқоқ[13] нест. Мӯҳр ба касе пул намедиҳад. Аммо агар ба касе як масъалаи шаръӣ иттифоқ афтад, наздики одами фатводон меравад, сурати ҳалли он масъаларо таҳрир кунонида мегирад, меорад пеши муфтӣ. Фақоҳатпаноҳ аз ду танга то 500 танга назар ба аҳамияти масъала пул гирифта, мӯҳр менамоянд.

Ф.— Баҳ, баҳ, баҳ. Ин чи мусулмонист!!!
Ин чи диёнат аст!!! Воқеан назар ба ин таҳқироте, ки мусулмонон ба шариати худ мекунанд, ҳар зиллате, ки аз мо мебинанд, кам аст.

М.— Мардака, аҷиб марди соддае будӣ, магар хаёл доштӣ, ки фақоҳатпаноҳон ривояти халкро фисабилиллоҳ мӯҳр намоянд! Ин чи беадабист? Агар як муфтӣ сурати як масъалаи шаръиро бе пул мӯҳр намояд, таҳқири шаръӣ лозим меояд, таҳқири шаръӣ куфр аст, пас он муфтӣ кофар мешавад.

Ф.— Маро аз ин таҳқиқоти шумо ҳам ханда меояд, ҳам гиря. Пайғамбари шумо мефармояд, ки уламоу уммати каанбиёи бани исроил, алулламои ва расатуланбиё [14]. Оё дар кадом таърих дидаед, ки яке аз анбиёи бани Исроил ҷиҳати ҳукме аз аҳкоми иллоҳӣ пул мегирифта. Ва ё аз кӣ шунидед, ки вақте ки Қуръон оя-оя ба мав-

риди зарурати халқ ба Пайғамбар нозил мешуд ва он чаноб таблиғ мекард, пул талаб карда бошад, то инонро, ки вараҫсатуланбиё ва канбиёи банни Исроилшон хонда, ҳам лозим бошад, пул гирифтан. Чаноб, ман аз пайғамбари шумо ин ҳадисҳоро барои ин нагуфта, ки шумо асбоби пешгохнашини мачолис созед, балки матлуб ин буд, ки уламо низ атвори анбиёро маслаки худ қарор дода, аз дарсфурӯшӣ ва фатвофурӯшӣ, ба иборати дигар шариатфурӯшист, парҳез намоянд. То кай шумо уламо бояд мафтуни хавои нафс буда ба хилофи мақсади муқаддаси Муҳаммадӣ рафтор намоед!!!

М.— Чой хунук шуд. Шумо зиёда шӯриш мекунед.

Ф.— Вокеан, аз матлаб дур афтодаем. Хуб аз қарори марҳамати шумо, чаноби охунд, ғайр аз пули ифтитоҳ, 35 ҳазор танга мадохил доштаанд. Ҳоло бифармоед усули сонри уламо чист?

М.— Як мартабаи дигар дорем: дунохундӣ, лекин даромади ӯ аз оҳундӣ бештар аст.

Ф.— Он кадом аст?

М.— Аъламӣ.

Ф.— Тафсили шахси аъламро хам марҳамат кунед.

М.— Чаноби мустатоби қудватулуламо, эшони аълам аз мадрасаашон сӣ ҳазор танга, аз мӯҳрашон маъворидоти ғайримуайян 20 ҳазор танга, аз чузъкашӣ 12 ҳазор танга мегиранд.

Ф.— Чузъкаширо нафаҳмидам.

М.— Бале, шумо мадраса надидаед. Донистани ин маъноҳо мадраса рафтан ва дарс хондан мехоҳад.

Ф.— Истидъо мекунам, маро ҳам бифаҳмонед.

М.— Номи мадрасае, ки аълам дар он чо дарс мегӯянд, Говкушон аст. Дар он мадраса шахсе маблағи муайян вақф карда, ки чаноби аълам он матлабро тақсим намуда, ба муллобачаҳо медиҳанд ва аз рӯи фармудаи воқиф 2 ҳазор танга худашон мегиранд.

Ф.— Аз ин қарор бояд аз чузъкашӣ 2 ҳазор танга гиранд. Чаро 12 ҳазортанга гуфтед?

М.— (Баъд аз тафаккури бисёр) 10 ҳазор тангаи дигарро ҳам худи муллобачаҳо...

Ф.— (Суханро қатъ карда). Чаноби мударрис, шуморо ба зоти воҳид қасам медиҳам, ки ба ман аз дари ростӣ дароед, чаро ки банда аз пурсишҳо ғаразе надорам, фақат мехоҳам, ки аз аҳволи ин тамошохонаи умумӣ (яъне Бухоро) маълумот дошта бошам.

**М.—** Тафсили 10 ҳазор тангаи мазкур ин ки эшони аълам 18 ҷамоа шогирд доранд, ҳар ҷамоа як калон дорад, ки «қории ҷамоа» мегӯянд. Дар вақти тақсими чузъкашӣ бояд қорӣ номи шарикони худро навишта биёрад, то ҳазрати устод ҳаққи онҳоро ба ӯ супоранд ва ӯ тақсим намояд. Дар ин сурат эшони аълам ба он қорӣ мефармоянд, ки шарикҳояшро чанд нафар зиёд навишта, ҳар чи аз тақсим боқӣ монад, ба хидмати устод тақдим намояд.

**Ф.—** Ҷаноби мударрис, нафас дар гулӯям гиреҳ зада. Метарсам, ки ба ваҳшат ҳамл кунед ва илло зиёда бадгӯӣ мекардам. Ин чи рафторест, ки уламои Бухоро доранд? Магар инҳо аз худо наметарсанд? Аз пайғамбар шарм намекунанд? Магар коми инҳоро ба ҳаром бардоштаанд? Хиёнатеро, ки худо ва расул ҳаром гуфта, ҳалол донистан, бечора қориёни ҷамоаро таклиф ба ин гуноҳи бе нафъ кардан, ба ибороти дигар ҷои ҳидоят ва роҳнамоӣ онҳоро ба сияҳчоҳи залолат ва гумроҳӣ андохтан, аҷабо соҳибони ин ду сифати сайиа чи гуна даъвои ҷонишинии пайғамбар карда, шарм наменамоянд? Бифармоед, мадохили соири муфтиҳо чист?

**М.—** Боқӣ муфтиҳо аз мадраса ва мӯҳр 6 ҳазор танга то 30 ҳазор танга мегиранд.

**Ф.—** Дар сурате, ки ҳар кадоми онҳо ин ҳама даромад дошта бошанд, боз чаро ва ба чи ҷиҳат аз муллобачаҳои бечора ҷабран пул мегиранд ва намегузоранд, ки он ғарибон айёми таътил ҳам ба шаҳр истода ба такмили дарсҳои худ пардозанд?

**М.—** Аҷаб одаме будед. Шумо аҳли фарангистону ғами муллобачаҳои Бухоро? Шуморо ба ин дардҳо чӣ кор? Ҳазрати домуллоҳо ҳаммоли падар ё шавҳари хоҳари кистанд, ки шабҳо бедорхоб шуда дарс бинанд, рӯзҳо муфт дарс гӯянд. Дар вақташ меҳнатҳо карданд, рӯзҳо заданд, ба ин мартаба расиданд. Акнун розӣ намешаванд, ки ба муллобачаҳо муфт таълим бидиҳанд. Ҳақ ҳам доранд. Чаро ки ин замона замонаест, ки касе бемулоҳизаи манфиати худ аз ҷо намеҷунбад.

**Ф.—** Оҳиста бошед. Суханро аз ҳад нагузаронед. Аввалан ин сухани шумо, ки касе бемулоҳизаи манфиати худ аз ҷо намеҷунбад, ботил аст. Зеро ин замон замони маданият аст. Маданият, яъне муованат ба навъ. Тасаввур кунед, Ниёзбек, Анварбек барои машрутаи Истамбул меҳнатҳо, ки кашиданд, агар навпарастӣ набуд чӣ

буд? Сатторхон, Боқирхон чиҳати талаби машрутаи Эрон ҷони худро дар кафи даст гирифта ба ҳар тараф медавиданд, ҷузъ осоиши навъи худ чӣ дар назар доштанд? Абдурашид Иброҳими Нуғай аз манзили худ бо дувоздаҳ сӯми русӣ барои таъсиси иттиҳоди Ислом то Чину Жопон рафта, дар Токио, ки пойтахти Жопон аст, чанд нафар аъёнро мусулмон карда, як ҷамъияти исломӣ ташкил дода, ғайр аз хидмати ислом чӣ мақсуд дошт? Баъзе аз вузарои Жопунзамин, ки аз хайбаташон кӯҳ меларзид, авқоти бекорaро ба таълими атфоли раият мепардозанд, яъне ба қавли шумо мактабдорӣ мекунанд ва аз ҳеҷ кас чизе намегиранд, балки ончи аз ҳарҷи худашон мемонад, дар ин роҳ сарф мекунанд. Имрӯз дар миёнаи тоифаи насоро мардумоне ҳастанд, ки саъйе, ки ҷузъ бар роҳи манфиати навъ аст, ботил донистa, фоили онро инсон намешуморанд. Ҳоло инсоф бидиҳед бо он ки хайрунноси ман янфаъуннocаи[15] гуфтаи пайғамбари шумост, хаёли шумо кадом аст ва ақидаи мо, ки кофирамон медонед, чист? «Бубин тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо?» Ва илова бар ин онҳо пуле, ки аз вақф мегиранд, моли падар ё барадарашон нест, балки марди худоҷӯи маорифпарваре ӯро вақф намудааст, ки олиме дар ин ҷо омада дарс гуфта, ба ивази чизе, ки аз муллобачаҳои фақир талаб дорад, ин маблағро гирад, дар ин сурат оё агар ҳазорoти уламо муфт дарс гӯянд, ҳаммоли падар ё шавҳари хоҳари шогирдон мешаванд? Не, не онҳо ба ҳаққашон расидаанд, лозим аст пули ифтитоҳро нагиранд ё баръакс аз бахри авқоф гузаранд, ки яке аз ин ду ҳаром аст. Марҳамат кунед ки бо вуҷуди ин авсофи ҳамида чӣ дарс мегӯянд ва он муллобачаҳои мазлум чӣ мехонанд?

М.— Соли аввал, «Аввали илм», «Бидон».
Соли дуюм, «Мӯъзӣ», «Занҷонӣ».
Соли сеюм, «Кофия».
Соли чорум, аз шарҳи Ҷомӣ «Ал-марфуот...»
Соли панҷум, «Алмаҷрурот...» Шарҳи мазкур.
Соли шашум, «Ал-мансубот...» Шарҳи мазкур.
Соли ҳафтум, «Алмабниёт» Шарҳи мазкур.
Соли ҳаштум, «Ҳамд бахси исм». Шарҳи мазкур.
Соли нуҳум, Аз ҳошияи Қутбӣ «Ва раттабтуху ало муқаддима...».

Соли даҳум, «Ҳамди ақоид».

Соли ёздаҳум, «Баъд...» аз «Ақоид».
Соли дувоздаҳум, «Самаво», аз «Ақоид».
Соли сенздаҳум, «Ҳақоик-ул-ашё...» аз «Ақоид».
Соли чаҳордаҳум, «Ҳамди таҳзиб».
Соли понздаҳум, «Таърифи илм» аз «Таҳзиб».
Соли шонздаҳум, «Алҳикмату истикмолу нафси» аз «Ҳикматул айн».
Соли ҳабдаҳум, «Алвучуду бадеҳиюн» аз «Ҳикматул айн».
Соли ҳаждаҳум, «Ёман вафақано» аз Мулло Ҷалол.
Соли нуздаҳум, «Сатафтарикку» аз Мулло Ҷалол.
Охири соли нуздаҳум, «Иннамал аъмолу би-н-ниёти» аз Саҳеҳи Бухорӣ, тафсири «Муаъввазатайн»-и Байзовӣ хонда хатми таҳсил мекунанд.

Ф.— Китобхои номбурдаро тамом мехонанд?

М.— Ӯҳӯ, куҷо, фақат ҳамон ҷумлаҳои гуфтаамро мехонанд.

Ф.— Аҷабо, хондани як ҷумла аз як рӯз зиёдтар вақт намехоҳад. Онҳо чи гуна як сол аз дунболи як ҷумла медаванд?

М.— Ҳошия мехонанд, ҳошия.

Ф.— Ҳошия чист?

М.— Шумо бисьёр гаранг одам будед! Ҳошия, яъне шарҳ-ушшарҳ. Аз ин қарор, ки дар ҳар кадом аз китобҳои гуфтагиам, қариб 15 кас ҳошия бастаанд. Масалан, ҳошияҳое, ки дар шарҳи Мулло Ҷомӣ муттааллиқ аст: Абдулғафур, Исомиддин, Абдулҳаким Исматулло, Шайх Ҷалол, Мавлавӣ Шариф, Охундӣ Шайх, Содиқ ва...

Дар Қутбӣ: Абдулҳаким, Мулло Аҳмад, Исом, Саид Шариф, Кулаҳмад ва чанди дигар.

Дар Ақоид: Хаёлӣ, Мулло Аҳмад, Абдулҳаким, Исомиддин, Мулло Қосими Ҳарпутӣ, Сариҳ ва бисёре ғайр аз онҳо ва ҳоказо аз китобҳои боқимонда.

Ф.— Дар ин китобҳо аз чи чиз баҳс мекунанд?

М.— Ҳамон мақосиде, ки дар ин ҳошияҳо ҳаст, ба ду амр роҷест. Аввал таҳқиқи каломи шореҳ, масалан, алиф, ломи ҳамд чист, марҷаи замири раттабтуҳу куҷост, сини сатафтариқ кадом син аст.

Дуюм, ки ҳақиқатан фаръумми аввал мебошад, ибо-рат аст аз эътироз бар сухани шореҳ, радди эътирози мазкур, радди радди эътирози мазкур, радди радди радди эътирози мазкур, радди радди радди радди эътирози мазкур, ҳоказо чи қадар ки даркор бошад.

Ф.— Аҷабо! «Ҳар чӣ дар ин парда нишонат диҳанд — чун наситонӣ беҳ аз онат диҳанд».

Ман ин музаҳарафотро гумон надоштам, кӣ дар хоб ҳам аз касе шунавам. Ин чи абас коре ва чи тазйеъи вақт аст, ки мардуми Бухороро гирифтор кардаанд. Хуб, 39 соли умри азизи гаронмоя ба ин муфтӣ аз даст рафт, баъд аз ин машғули тадриси ин таҳқиқоти пучи бемаъно мешаванд. Вақти таҳсили тафсир, ҳадис, фиқҳ, усули фиқҳ, ки воҷиб аст, кай мерасад ва ҳам он чи дар ин 20 сол аз наҳв, мантиқ, ҳақоид, ҳикмат хондан ҳама дебоча буд, нафси улуми мазкураро, ки маноти фоидаи онҳост, кай мехонанд.

М.— Мардак, гумон мекунам, форсиро намедонӣ? Ман гуфтам ин таҳсил дар соле 6 моҳ аст, 6 моҳи дигар агар хоста бошанд, мехонанд, моней нест.

Ф.— Ё ман форсиро ғалат мефаҳмам, ё шумо ғалат мегӯед. Ҳоло мефармудед, ки шаш моҳи дигар ба имомат баромада пули ифтитоҳ меёбанд. Акнун мегӯед, ки дар ин шаш моҳ ҳам агар хоста бошанд, таҳсил мекунанд. Бар тақдири ин ки дар шаш моҳи таътил дарсҳои мақсудиро хонда тавонанд, чи беинсофӣ, ки дар шаш моҳи таҳсил, ки пул доранд, ҳавсала доранд, ғайрат доранд, бечорагонро ба хондани музахарафоти пуч, ки иборат аз таҳқиқи ломи ҳамд ва таъини муроди тааммул фалятааммал аст, маҷбур дошта, агар толиби хондани дарсҳои мақсудӣ шаванд, ба як калима вақт надорем, маъюс менамояд, дар айёми таътил, ки пул рафт, ғайрат рафт, ҳавсала рафт агар хоста бошанд, бихонанд. Ман аз ҷониби онҳо мегӯям, ки оре, ҳоло ҳам мехоҳем, ки дарсҳои мақсудиро таҳсил намоем. Лекин агар шаш моҳи таътил ҳам дар шаҳр иқомат карда, дарс хонда, ба имомат набароем, пули ифтитоҳ пайдо накунем, дар таҳсил ба вақти ифтитоҳ бепул, ё бо пули камтар аз тахмини шумо ҳозир шавем, он вақт наузубиллоҳ, ба он чашмҳои пуркин, абрӯҳои пурчини шумо чӣ гуна муқовимат намоем ва ғурриши дам ба дами ҷавонмарг, оқкардани шумоёнро ба кадом тоқат шунавем?!

Занҳо низ дар Бухоро таҳсил мекунанд ё не?

М.— Не, занҳо таҳсил намекунанд.

Ф.— Чаро инҳоро аз таҳсил бебахра гузоштаанд. Бо ин ки дар сурати тарбият ва таълим ақли зан камтар аз мард набояд бошад. Яке аз ҳукамот мегӯяд, ки мо баъд аз мушоҳидаи ихтирооти занони Амрико ва Фаронса до-



187483

нистем, ки қувваи истинботии зан камтар аз мард нест. Ва пайғамбари шумо низ мефармояд, ки «Талаб-ул-илми фаризатан ало кулли муслимин ва муслиматин»[16] ва тарбияти занон фавоиди зиёд аст. Магар набинед, ки доштани аъмоли ҳасана ба ҳукми ояи «манҷоа би-л-ҳасанати фалаҳу ашара амсолиҳо»[17] воҷиб аст, чун аъмоли ҳасана бидуни ахлоқи ҳасана мумкин аст? Пас доштани ахлоқи ҳасана низ минбоби муқаддамат-улвоҷиб воҷиб аст, касе ҳам бидуни тарбият соҳиби ахлоқи ҳасана наҳоҳад шуд. Тарбияти аввалини мо аз ҷониби модарони мост. Дар сурате, ки худи онҳо тарбият нодида бошанд, мо низ аз асари сайии тарбияти онҳо ҳамеша дорои ахлоқи сайй хоҳем буд. Ба ин сабаб доноёни олам моро аз доираи инсоният хориҷ хоҳанд дошт. Бадбахт мулке, накбадзада замине, ки занони он ҷоро аз шарафи тарбият ва таълим маҳрум медоранд.

М.— Аҷаб мардакаи соддалавҳе ба назар меоед. Ғами корҳои беҳударо мехӯред. Ҳикмат дар офариниши занон таваллуд ва таносул аст.

Ман аввалан арз кардам, ки таҳсили мо бояд дар синни 37 солагӣ тамом шавад. Дар ин сурат агар занонро ҳам ба таҳсил водорем, баъди хатми таҳсил, ки синнашон ба 37 расид, ҳеҷ мард рағбати онҳоро намекунад. Он вақт силсилаи таносул мунқатеъ мешавад.

Ф.— Аммо ин ки фармудед, агар занонро ба таҳсил водорем, қатъи силсилае таносул мешавад, маҳз ботил аст. Ба далели ин ки агар воқеан ин сухани шумо сиҳатӣ медошт, пайғамбари шумо, ки ақли кулл буд, низоми оламро аз шумо беҳтар медонист: «Талабулилми фаризатан ало кулли муслимин ва муслиматин» намегуфт. Аммо ин ки гуфтед, муддати таҳсили мо дароз аст, мусаллам аст, лекин нодурустии як тариқи таҳсил мамнуияти таҳсилро эъҷоб намекунад. Шумо, ки ин тариқи таҳсилатон мушкил аст ва маъюб аст, тариқи дигарро ихтиёр кунед.

М.— Бародари фарангӣ! Намешавад, асло намешавад, ба тақдири он ки аз барои таҳсил як тариқи осон ахз намудем, боз намешавад, ки духтаронро ба ҷиҳати таҳсили илм ба кӯча гардонем, чаро ки ахлоқи мардони мо вайрон аст. Ба зудӣ таҳсили эшонро ба фасод меанҷомонанд.

Ф.— Ин ҳам тақсири худатон аст. Шумо, ки уламоед, умуроти шаръӣ мувazзаф ба шумост, амри маъруф наҳйи

мункар вазифаи шумост, чаро ба тасҳеҳи ахлоқи он бечорагон намепардозед?

М.— Ҳой, бечораи фарангӣ. Шумо шариатро намедонед. Дар шариати мо амри маъруф ва наҳйи мункар бар тақдирест ба фасод наанҷомад ва ило саҳеҳ нест.

Ф.— Ин масъала абадан қобили эътино набуда, балки дурӯғ аст. Амри маъруф наҳйи мункарро бояд кард ҳамчунон ки пайғамбари шумо мекард.

М.— (Бо камоли ғазаб). Мардака, даҳан нигоҳ дор, ба масоили шаръия беҳуда магӯй, агарчи ту кофирӣ ман мусулмонам, тоқати шунидани ин суханҳоро надорам.

Ф.— Аҷаб, маро аз гуфтани сухани ҳақ манъам мекунед. Абадан хомӯш намешавам, мегӯяму меоямаш аз ӯҳда бурун, ки ин масъала масъалаи шаръӣ нест, бофта аст.

М.— Хомӯш бош, беадабӣ макун, ту кистӣ, ки аҳкоми динии моро ин бофта аст, ин шаръӣ нест гӯӣ. Охир аз куҷо медонӣ, ки ин масъала шаръӣ нест?

Ф.— Ваҳшат накунед, далел пурсед. Ин масъаларо дар куҷо дидед?

М.— Дар китоб.

Ф.— Ҳамин аст сабаби харобии ислом! Шумо тоифаи исломӣ ба ҳадде машғули таълифи амру зайд гардидед, ки аз ҳақиқати дини ислом фарсаххо дур афтодед.

Агар даҳ сол пеш аз ин тифли ҳаштсолае ба ҳошияи китобе аз рӯи шӯхӣ менавишт, ки «Ман офтобро ба сурати шутур дидам» имрӯз исботи шакли воқеии офтоб ба шумо мумкин намешуд. Китоб чист, муаллифаш кист, дар сурате, ки матлаб аз «Қуръон» ва ҳадис равшан шавад, ба сӯи китоби зайд давидан девонагист. «Қуръон» ба тариқи возеҳ мегӯяд, ки амри маъруфу наҳйи мункар лозим аст, пайғамбар кард, асҳоб карданд, аз фитна натарсиданд. Шумо, ки уммату пайравони онҳоед, аз онҳо бузургтар нестед, чаро аз фитнаи нобуда метарсед? Шариати Аҳмадӣ абадан ин узри шуморо қабул намекунад. Ба таърихи аслофатон руҷӯъ намоед. Пайғамбари шумо дар ҳангоме, ки тамоми араб душмани арбоби тавҳид буданд, алонан даъвои набуват намуд, Абӯбакр, ки халифаи аввал ва афзали умматони Муҳаммад буд, чун ба маснади хилофат нишаст, аъроб аз ҳар тараф бинои бағй ва иртидодро гузоштанд. Абӯбакр назар ба заъфи асокири исломӣ нанамуда, ба як азми комил онҳоро ба таслим маҷбур

гардонид. Бар ин қиёс дигар гузаштагони шумо абадан аз касе натарсида ба иҷрои муқтазиёди ислом кӯшиданд. Бале, хоҳиши дини ислом ҳамин аст. Ин масъала, ки шумо мегуед, аз тарафи чанд нафар мусулмонтароши шикампарасти таммоъ дар миён омада, ки рабте ба шариати Аҳмадӣ надорад, бо вуҷуди ин ҳамаи иқтидоре, ки уламо дошта бошанд, дар сурате, ки як нафар муллобачаҳо барои як писараки бериш аз ӯҳдаи беобрӯ кардани акобири шаҳр берун ояд, кӣ қабул мекунад, ки амри маъруфу наҳйи мункар, аз ин уламо ба фасод меанҷомад? Қатъи назар аз инҳо мо кай гуфтем, ки амри маъруфу наҳйи мункарро ба дурӯштӣ ба кор баред, ҳошо ҳеҷ ҳамчу ҳарфе назада ва нахоҳем зад, балки мегӯем, ки дар макотиб ва мадорис ба ҷои абёти ошиқонаи ахлоқвайронкун ва таҳқиқоти пучу ломҷинс ва истиғроқ китобҳои ахлоқ таълим дода, матбаа кушода халқро ба воситаи чароид бо ахлоқи ҳасана тарғиб намоед. Хуб ин таҳсили 20-солаи шумо, ки ҳама дар забони арабист, агарчи наҳвро надонед, бояд ба забони арабӣ маҳорат дошта бошед!

М.— Ӯхӯ, забони арабиро мо уламои Бухоро аз худи арабҳо низ беҳтар медонем.

Ф.— Ин қадар ҳам ғанимат аст. Ҳоло чӣ мефармоед, ки қадре бо ҳам ба забони арабӣ суҳбат намоем ва то бубинед, ки ман ҳам аз ин забон хабар дорам ё не?

М.— (Ай худо ин балои ногаҳонро аз куҷо бар сари ман фиристодӣ? Наздик аст, ки оҳиста-оҳиста маро расво намояд). Бародар, авфам мекунед, мо уламои Бухоро арабӣ гап заданро намедонем. Меъёри арабидонии мо ин аст, ки китобҳои дарсии арабиро, ки худи мо дар замони муллобачагиамон дар назди устодҳо хонда будем, якшаб меҳнат карда ним сафҳае аз онҳоро мутолиа мекунем.

Ф.— Бах, бах, бах! Хуб арабидон будед, Шумо тоифаи уламои Бухоро! Писарони мо се сол мактаб хонда, илова бар хатту саводи зарурӣ ду-се забони дигар маъа муқаддимоти масоили динӣ, ҳикамӣ, таърихӣ ҳисобро ба хубӣ медонанд. Шумо баъд аз бист соли таҳсили арабӣ ҳанӯз аз такаллум ба он забон оҷизед!!!

Уф...! Бечора Бухорое, ки мисли Бӯалӣ, Форобӣ фарзандони рашид парваридӣ, ба чунин рӯзи сиёҳи бекасӣ нишаста. Бухорое, ки дамдамаи кӯсу шӯҳрати илму

фазлаш бегонагонро ба икрори шарофаташ маҷбур кардӣ, ба ин пояи ҷаҳл ва фалокат расида!!!

Ҷаноби мударрис! Охир инсофе, ки беилмӣ то кай?! Ин нодонӣ то чанд?! Илм сабаби ободии мулк аст, илм боиси тараққии миллат аст, вуҷудаш вахшиёни Амрико бад-ин пояи таоло ва бузургӣ расонида. Илм аст, ки адамаш мутамадинони Эронзаминро ду аспа ба ҳазизи таназзул ва зиллат давонида. Илм аст, ки муште ҷазиранишинони англисро фармонравои Ҳинд, Миср, Балуҷистон, қисме аз Арабистон, номутаммадинони русро молики рикоби муслимини тотор, қирғиз, Туркистон, Қафқоз намуда, мамолики васеи Усмониро порапора ба дасти бегонагон нагардонид магар ҷаҳл, байраки таслисиёни Фаронсаро то ба боми хонаи мувахдони Форс накашонид, магар ҷаҳл. То кай шумо мусулмонон барои изолаи ин дарди хонумонсӯз тараддуде нанамуда, аз бе ҷораӣ набароед? Маҳз ба иктизои инсоният мегӯям, агар сулуки шумо туркистониҳо ҳамин аст, ки 37 соли умри азизи гаронмояро ба таҳсили порае музахрафот масруф ва худро аз шарафи улуми нофиа маҳрум медоред, то чанд соли дигар аз исломи Туркистон ғайри номе, ки он ҳам дар сафаҳоти таърих бошад, боқӣ нахоҳад монд. Ин чӣ таҳсил аст, инсоф диҳед, аз чист ломи ҳамд ва зиёдати лафзи сулс кадом матлаб ҳосил мешавад?. Хайф аз ин авқот, дареғ аз он масоӣ! Агар ин кӯшишро ба дарки маонӣ ва кашфи равомизи қуръонӣ сарф карда, бо аҳкоми саодатанҷомиӯ кор мебастед, ҳоло ба ҳукми каримаи «ё айуха-н-носу қад ҷоакум бурҳонун мин раббикум ва анзално илайкум нуран мубинан фааммо ал-лазина оману биллоҳи ваътасаму биҳи фасаюд хилиҳум, фи раҳматин минҳу ва фазлин ва яҳдиҳим алайҳи сиротан мустақиман» [18] ба андак фурсат фоизи фуйузи номутаноҳӣ гашта будед. Ҳоло ҳам вақт нарафта, ба таълим ва тааллуми тафсир ва ҳадис кӯшида асрори олия ва ҳукми мутаолияи Қуръонро диққат ва мутобиат намоед, шояд ба тибқи ояи вофии ҳидоя «ҳоза китобун анзалноҳу муборакун фатабиъуху лааллакум турҳамун» [19], Худоро ба ҳоли хасрони молатон раҳме омада, аз ин мазаллат ва асорат, ки ҳосилаш измеҳлол ва ҳалокат аст, наҷотатон диҳад. Ва илло мукаррам мегӯям, ки то чанд соли дигар исломи Мовароуннаҳрро ба зери гарони бори тасаллути куфор нобуд ва то дида кушоед, масҷиди худ-

ро бутхона ва фарзанди худро насронӣ хоҳед дид.

Охир назари ибрате ба сӯи мамолики аз дастрафтаи ислом кушоед, ғами мусулмониро ҳам хӯред, ба холи фарзандонатон раҳм намоед.

М.— Ҷаноби фарангӣ, Шумо хотирҷамъ бошед! Бухоро соҳиб дорад, соҳибаш муҳофизат мекунад. Мо итминон дорем, ки то як хишти мазори Баҳовуддин боқист, тамоми подшоҳони рӯи замин Бухороро гирифта наметавонанд. Шумо беҳуда ғам нахӯред.

Ф.— Боз ин чӣ иштибоҳи ботил ва чи ақидаи исломсӯз. Баҳовуддин Бухороро муҳофизат мекунад, яъне чи... Баҳовуддин...

М.— (Мӯҳлат надода бо камоли ғазаб). Ӯй, Ӯй, мардак! Даҳан нигоҳ дор, дар ҳаққи бузургони ислом ҳарфи беҳуда мазан, ки ҳамин замон рӯмони сазо дар канорат мегузоранд.

Ф.— Бечора мударрис! Ба маҳзи таваҳҳуми ин ки ман дар ҳаққи Баҳовуддин бад мегӯям, ин қадар ҷуръат ба кор мебаред. Солҳост ҳуқуқи исломие, ки ҳазор Баҳовуддин ва аз ӯ бузургтар азизон барои нигоҳбониаш ҷон супурданд, поймоли таҷовузоти бебоконаи дуволи масеҳӣ мешавад. Худро ба беҳамиятӣ ва камдилӣ мутаҳҳам медоред. Агар ин дилсӯзӣ ва тарафдориро, ки дар Баҳовуддин доред, дар бораи ислом ҳам дареғ надошта, 3,5 млн. нуфузи исломӣ даст ба дасти якдигар дода, бо камоли иттифоқ ва ниҳоят якрангӣ бо як садои расои оламгир бар тамоми олам мудаллал намоед, ки мо тоифаи муслимин дар ҳимояти дини мубин ва ҳамдинони мӯҳтарами худ аз ҷону дил ҳозир буда, то яке аз мо рамаке дорад, касе ба таъриз дар исломи азизи ба ҷон баробари мо муваффақ нахоҳад шуд, бешубҳа, ҳамдинони худро аз ин рӯзи сиёҳ (ки ҳар куҷо ки асирест аз мусулмон аст) халос менамоед.

М.— Шумо одами доно будаед. Воқеан, мо тоифаи муслиминро ҳамин қадар иттиҳод ва намоиш ба мартабаи вуҷуб расида, вале афсӯс, ки иттиҳод дар миёни мо мӯҳоли мутафиқ, намоиши беиттиҳод ҳам музири мутлақ мебошад.

Ф.— Ҳамаи инҳо аз сустии ақидаи шумост.

М.— Агар бо ин марази муҳлики мо илоҷе доред, бигӯед.

Ф.— Агар мутолиаи ҷароиди исломиро ҳаром нагуфта, балки хулатон низ гоҳе меҳондед, имрӯз илоҷи дарди исломро аз ман ки кофирам, намепурсидед. Ҳоло вази-

фаи инсонияти ман аст, ки илоҷи ҳар чӣ шумо бошад, як-як ба хидмат шарҳ диҳам. Лекин аввал бояд мақсудро тамом намоем.

М.— Воқеан, аз мақсуд дур афтодем. Сухан дар Баҳовуддин буд.

Ф.— Бале, ҷаноби мударрис! Гумон накунед, ки ман дар ҳаққи Баҳовуддин ҳарфи беҳуда мезада бошам, зеро дар ҳар дин ҳамин тариқа мардони бузургвор будаанд, ки дар айёми ҳаёти худ барои саодати дин ва миллат хидмат карда, номи нек аз ҷаҳон бурдаанд. Сухан дар ин ҷост, ки шумо набояд умури динӣ ва дунёвии худро, ки вазифаи худатон аст, ба онҳо ҳавола карда, ба осудагӣ биҳобед, балки шариати ислом ҳам ин ақидаи шуморо қабул нахоҳад кард.

М.— Сад бор гуфтам, ки аз масоили динияи мо сухан накунед. Боз мегӯед, ки «Ин ақидаи шуморо ислом қабул намекунад». Чӣ гуна қабул намекунад? Тасдиқ ба кароамоти авлиё яке аз масоили динияи мост.

Ф.— Ман намегӯям, ки ба кароамоти авлиё тасдиқ накунед. Мегӯям, ки корҳои худро тамоман дар Баҳовуддин супурда, худро ба дари танбалӣ, беғайратӣ задани шумо на шаръан дуруст аст, на ақлан.

М.— Чаро дуруст нест?

Ф.— Албатта, дуруст нест.

М.— Ба чӣ далел?

Ф.— Ба ҳамон далеле, ки медонам.

М.— Қоҳ, қоҳ, қоҳ! Ҳеҷ намедонӣ, лофҳои беҳуда мезанӣ.

Ф.— Медонам, лекин шумо қобили шунидани онҳо нестед.

М.— Ман одам не-мӣ?

Ф.— Ҳошо, шумо одамед, аммо яке аз сифатҳои одамият дар шумо нест.

М.— Он чист?

Ф.— Қабул кардани сухани ҳақ.

М.— Аз куҷо маълум шуд, ки сухани шумо ҳақ будааст?

Ф.— Гӯш диҳед: Худо калон аст ё Баҳовуддин?

М.— Худо.

Ф.— Пайғамбар донотар буд ё шумо?

М.— Маънии ин саволҳоро намефаҳмам, албатта, пайғамбар донотар буданд.

Ф.— Пайғамбар, ки аз шумо донотар буд, ҳеҷ кореро ба худое, ки аз Баҳовуддин бузургтар, холиқи Баҳовуддин аст, ҳавола накарда. Ба худии худ ранҷи сафар, заҳмати роҳ, алами гуруснагӣ кашида, ба ғазоҳо барома-

да дар майдони муҳориба ҳозир мешуд. Дар ин сурат шариати ӯ кай розӣ мешуд, ки дар ҳолате ки куффор аз ҳар тараф садама ба вуҷуди азизи ислом мезананд, шумо мушти уламои осудагипараст ба фикри наҷоти ин гавҳари гаронбаҳои Аҳмадӣ набаромада, балки ин корро вазифаи Баҳовуддин дониста, худатон бо аҳлу аёл бо камоли осудагӣ машғули тановули атъимаи лазиза гардидед. Сониян, худованд ба ҳукми ояи вофии ҳидоя «туҷаҳидуна фӣ сабилилолоҳи би амволикум ва амфусикум золикум хайруллакум инкунтум таъламун», «ва котилу-л-мушрикина кофатан камо юқотилинакум кофатан ва қотилул лазина аминуна биллоҳ»[20] ва оятҳои дигаре чиҳод ва қитолро, ки мақсад аз онҳо ҳифзи байзаи ислом ва илқои калиматуллост, ба зиндагон фарз карда ё ба мурдагон?

М.— Ба зиндагон.

Ф.— Илқои калиматуллоҳро мондем. Ҳифзи байзаи исломро, ки худованд бо сароҳат ба шумо зиндагон амр намуда, чаро таҷоҳул варзида, ба мурдагон ҳаволааш мекунед? Сониян, ҳамин ки замони вафоти пайғамбар наздик шуд, асҳобро ҷамъ карда, хутба хонда гуфт, ки «эй асҳоби ман, эй ононе, ки ба зиндагии ман дар нусрати дини илоҳӣ иҳмоле намудед, вақти реҳлати ман расида. Дини мӯбини ислом ва Қуръони азимушшаънро ба шумо ва авлоди шумо батнан баъдал батн амонат мегузорам». Дар он вақт асҳобе, ки муҳотаби пайғамбар буданд, зиндагон буданд ё мурдагон?

М.— Зиндагон.

Ф.— Пас, амонатеро, ки соҳибаш ба зиндагон супурда, шумо чаро ба мурдагон ҳавола карда, худро канора мекашед? Робиан, қитъаи васеи Андалусро, ки 450 сол ба идораи салотини исломия дар касрати уламо ва фузалои аввали арозии муслимин буд, басе уламои киромӣ расонида, бисёр авлиёи узом (азим) ба майдон андохт, оқибат ба шумии андак ғафлат ва оқибатноандешӣ ба тасарруфи насрониёни Испониё гузашта, масҷид ва савмаҳое, ки умри як олами уламо ва авлиё дар онҳо мумур намуда буд, бутхона, қабри он ҳама бузургони исломӣ поймоли бутпарастон гашта, аз маконҳое, ки пеш аз ин бонги азон мебаромад, имрӯз садои нокус баланд аст. Чаро авлиёи он ҷо сар аз гӯр берун намуда, он ноҳияи исломиро аз дасти куффор халос накарданд? Лозим набуд ба далели ин ки онҳо дар зиндагӣ такли-

фи худро тамом карда, пас аз мурдан коре надоштанд. Муҳофизати ислом кори зиндагони он сарзамин буд. Чун зиндаҳон аз адои вазифаи худ ғафлат варзиданд, диданд он чи диданд: ба шумии ғафлат ва беандешагии нури саодат ва фари офтоби ҷаҳонтоби шариати ғаррои Аҳмадиро аз он соҳати маъмур ба ғояте дур сохтанд, ки имрӯз дар он ҷо вуҷуди як масҷиди исломӣ саҳл аст, як мусулмон ҳам пайдо намешавад. Холисан, назари ибрате ба сӯи Ҳинд ва Миср кушоед, ки ин арозии муқаддаси исломӣ чи сон поймоли таҷовузоти ғосибонаи Инглистон гашта ва ҳануз яке авлиёи гузаштаи он ҷо барои дафъи онҳо кароматe зоҳир намекунад?

М.— Чаро намекунад?

Ф.— Вазифааш нест.

М.— Бо чӣ далел?

Ф.— Бо далеле, ки гуфтам.

Содисан [21], аз шумо мепурсам: Баҳовуддин калон аст ё амзодаи пайғамбар?

М.— Амзодаи пайғамбар.

Ф.— Солҳост давлати рус Самарқандро тасоҳуб [22] намуда, зулме нест, ки ба муслимини он ҷо дареғ надорад, аз қароре, ки мегӯянд, русҳо дар он ҷо мақоми фоҳиш бино карда, духтарон ва занони ашроф агар хоста бошанд, дар он ҷо рафта менишинанд, касе манъ карда наметавонад. Ҳама мегӯянд, дар масъалаи шаръие, ки мутобиқи закуни рус набошад, уламо аз иҷрои он оҷизанд. Низ мегӯянд — уламои Самарқанд ба рӯзи байрами [23] русҳо барои табрик калисо рафта менишинанд. Ҳар кадоми инҳо садамаи бузургест ба вуҷуди ислом. Чаро Шоҳи зинда, ки амзодаи пайғамбаранд, русҳоро аз он ҷо дафъ намекунанд. Оё таклифашон нест?

М.— Бале, таклифашон нест.

Ф.— Ба чӣ далел?

М.— Ба далеле, ки гуфтам.

Ф.— Собиан [24] (дур наравем) худи Бухороро русҳо гирифтаанд ё не? Агар нагирифтаанд, ҳар рӯз як таклифи тоза аз тарафи императур бар амир ё аз консул ба Қушбегӣ чӣ ҷиҳат дорад? Шояд гӯед, ки ин ҳукмҳо дӯстона аст? Бо камоли адаб мегӯям: Чаро дар муқобили он аз амир ҳам таклифе ба давлати рус намешавад?

Агар гирифтааст, Баҳовуддин чаро гузоштаанд? Магар вазифаашон набуд?

М.— Бале, набуд.

Ф.— Ба чӣ далел?

М.— Ба далеле, ки гуфтам.

Росташ ҳамин ки ҳеҷ кадоми мо намедонем, ки муносибати давлати рус бо ҳукумати мо чист? Фақат ҳамин қадар медонем, ки баъд аз мағлубияти подшоҳи марҳум амир Музаффар як муоҳадаи дӯстона баста шудааст, ки давлати рус ҳукумати моро асло барҳам нахоҳад зад.

Ф.— Ҷаноби мударрис! Бухоро чанде пеш аз ин як давлати мустақили мустаид ва дорои 10 млн. нуфус буд. Баъд аз мағлубияти амир Музаффар тантанаи подшоҳӣ ба амирӣ, дабдабаи истиқлолӣ ба ҳимоят, нуфузи раоё ба сулс, масоҳаи арозӣ ба ашр мубаддал гардид. Аз он рӯз то ин дам дасти аҷониб ба дастёрии ғафлати шумо хуфтагони саҳрои нодонӣ ин аморати нимкорaро ҳам ба ҳолати пурмаломатӣ овард, ки вуҷудаш дар назарҳо чун муҷассамаи мавҳуме ҷилва менамояд. Агар чанд муддате низ ба ғафлати қадимӣ давом кунед, ғами дин ва миллати худро нахӯред, ба фикри ҳифзи шараф ва номуси худ наафтед, ҳуқуқи модари меҳрубони худ— Ватанро фаромӯш созед, ин муҷассамаро аз доираи авҳом ҳам берун андохта ба Дорулроҳати гумномӣ, бешарафӣ, беиззатӣ илалабад хоҳед хуфтан.

М.— Бародар! Маро ваҳм кунондед! Қариб аст, ки аз ҳайбати суханҳои шумо ҷон аз қолаби танам парвоз намояд. Аз барои худо, бигӯед, илоҷи мо чист? Чораи ин дарди бедаво кадом аст? Куҷо равем, чӣ кунем, кадом хок ба сар афканем, ки аз ин фалокати ҳол ва накбати истиқбол бӯи халосӣ ба димоғи мо расад?

Ф.— Сабр кунед, мегӯям.

М.— Ҷиддан сабрам намонд, бигӯед.

Ф.— Агар толиб намебудед ҳам мегуфтам. Ҳоло ки ин қадар толибед, албатта, мегӯям.

М.— Зуд бигӯед.

Ф.— Мегӯям, аммо...

М.— Аз барои худо, амморо гузоред. Муддаоро баён кунед.

Ф.— Ҷаноби мударрис, албатта, ин илоҷро ба хидмат арз мекунам. Аммо метарсам, ки қабул нанамоед.

М.— Яъне-чӣ, илоҷи дарди бедавои моро мегӯед. Мо ҷаро қабул намекарда бошем.

Ф.— Илоҷи шумо ин аст, ки мактабҳои ҷадид бикушоед, ивази ин музахрафот, яъне таҳқиқи ломи ҷинс ва истиғроқ,

ё зиёдати лафзи салоса улуми тозаи касирулманфиат[25], сареъ-уннатиҷа[26] таҳсил намоед. Аз пойтахти халифаи пайғамбаратон, ки имрӯз дар касрати илм ва ривоҷи саноии ҷадида шӯҳрат дорад, муаллимин ҷалб намуда бикӯшед то шумо низ дорои чизе шавед, ки насоро аз дороии ӯ бар ислом ғалаба доранд.

М.— Баҳ, баҳ, баҳ! Ҳоло фаҳмидам чӣ мақсуд доштай! Ҳоло донистам, ки он ҳама дилсӯзии ту аз барои ислом дурӯғ буда. Акнун яқин кардам, ки изҳори дӯстиҳое, ки дар бораи Бухоро мекардӣ, асле надошта. Мехоҳӣ моро фиреб диҳӣ, бечора мардаки соддалавҳе ҳастӣ! Намедонӣ, ки, замони фиреб додани ту гузашт. Дерест пардаи ҳамдастони ту, ки мехостанд моро гумроҳ созанд, дарида шуд.

Ф.— Ин ҳарфҳо чист? Ман чӣ гуфтам, ки сазовори ин гуна тавбеҳ [27] бошам?

Чӣ ҳикоят аст, ки ба маҳзи шунидани мактаби ҷадид, ин ҳама изҳори сардӣ менамоед? Боре ба ман бигӯед, аз мактаби ҷадид чӣ дидаед, аз ин улуми пурфоида чӣ шунидаед, то агар воқеан бад аст, ман ҳам аз он чи гуфтам, тавба карда, узр оварам.

М.— Бечора, аз ваҳшати ман тарсидӣ. Хуб ин мактаби ҷадид, ки мегӯӣ дар Бухорои мо низ кушода буданд, як сол ҳам давом кард. Лекин уламои бузургвори мо ҳақиқати корро дониста, дигар мӯҳлате аз барои мактаби мазкур надода бастанд.

Ф.— (Бо камоли таҳаюр). Мударрис, возеҳтар гӯед, яъне ин мактаби ҷадидро дар Бухорои шумо кушода буданд, уламо нагузоштанд?

М.— Оре, оре. Ин мактабро уламои мо, уламои диндори мо, уламои шариатпарасти мо баъд аз он ки ҳақиқаташро фаҳмиданд, бастанд.

Ф.— Истидъо мекунам, маро бифаҳмонед, ки ҳақиқати ин мактаб чи будааст, ки уламои шумо ба сабаби донистани ӯ инчунин мактаби бофоидаро манъ намуданд?

М.— Ҳой, нодон! Боз мактаби бофоида мегӯӣ. Гумон дорӣ, ки ман ҳанӯз фиреби туро мехӯрам. Аз ман шунав, ки мактаб дар муддати чанд сол бачаҳои моро кофар мекардааст.

Ф.— Аҷаб даъвои бедалеле дар миён овардед.

М.— Чӣ гуна бедалел, ҳазор далел дорем.

Ф.— Хуб аввалан бифармоед, аз куҷо донистед, ки ин мактаб кофаркунандаи кӯдакони шумо будааст?

**М.**— Ту уламои Бухороро надида ва намедонӣ. Онҳо мардумони бузургворанд, ҳар кадоми онҳо ба ҳазор нафар дарс мегӯянд. Панҷ сер тилло ба гардани аспашон мезананд. Чаро ҷоиз нест, ки ҳазароти уламои мо ба сафои ботини худ кашфи ин маъниро карда бошанд?

**Ф.**— Бечора мударрис! Шумо гумон мекунед ман аҳволи уламои Бухороро намедонам, иштибоҳ кардаед. Бандаи шумо хуб воқифам. Уламое, ки дар овони таҳсил рӯзҳо кӯча ба кӯча дар ақиби писарони мардум медавиданд, шабҳоро ба кунҷи ҳуҷра масруфи шурби анвои мусаккарот[28] медоштанд, баъд аз хатм шарафи инсонияти худро ҷиҳати андак муаххазе[29] ба дари хонаи қозӣ поймол карда, ҳамин ки қозӣ ё раис шуданд, молу ҷони бечора раияти бадбахтро монанди вақфи авлодии падарашон тасарруф менамоянд, агар мударриси бузурге ё муфтӣ гардиданд, хуни муллобачаҳои аз ватан овораи ғарибро ба номи ифтитоҳу савғое менӯшанд, аз ин ҷомоа чӣ гуна умеди кашфу каромат намоем? Ин ки гуфтед ҳар кадом бо ҳазор кас дарс мегӯянд, мусаллам аст, аммо бигӯед чӣ дарс мегӯянд, ба он ҳазор нафар бечора кадом илмро, ки дар дунё ё дар охираташон фоидае дошта бошад, таълим менамоянд. Дар ивази ин ки он ғарибон муддати бист сол амволи худро фурӯхта ба ҳазароти устодҳо пешкаш менамоянд, ба ғайри ҷинсияти ломи ҳамд ва зиёдати лафзи сулс ва қубҳу ҳусни замири муштамил чӣ таълим мегиранд, аз ин музахрафот ҳам, ки таълим гирифтанд, чи фоида ба дин ё ба дунёи онҳо мерасад, аммо ин ки гуфтед, ба гардани аспашон панҷ сер тилло мебанданд, ин афъолу атвори маҷус ба олами каромот чӣ дахл дорад?

**М.**— (Бо камоли ваҳшат). Эй бехирад, дониста гӯй. Ту уламои моро маҷус мегӯӣ.

**Ф.**— Ҳаргиз, ҳаргиз, ман ҳамчу беадабе дар ҳаққи уламои шумо намеандешам, лекин мегӯям: Ин одати онҳо далели каромоти онҳо нест, ба илова ин одатро шариати шумо ҳеҷ вақт таҷвиз намекунад.

**М.**— Чаро таҷвиз намекунад? Ин корҳо иззати илм аст, иззати илм дар шаръ маъмури беҳ аст.

**Ф.**— Аҷаб масъалаи шаръӣ ба миён овардед. Шумо бухориҳо фиреби нафс хӯрда аз ҳақиқати аҳкоми динии худ низ ғофилед. Пайғамбари шумо дар тамоми умри худ бидуни зарурат савори асп нашуд, то чи расад ба бастани панҷ сер тилло ба гардани асп ва давонидани

чанд мулозим дар ҷилав. Охир назари ибрате ба таъриxи аҳволи бузургон ва уламои мазҳаби худ намоед, бубинед, ки зиндагияшон бо чи кайфият, аҳволашон чӣ, атворашон кадом буд, то ба илм-ул-яқин маълумаtoн шавад, ки ин равиши шумо нест магар, аз шаъботи маҷусият? Бо васфи ин ҳама авсофи номашрӯъ ба кадом виҷдон даъвои кашфу кароматро мекунанд?

М.— Хуб, кашфу кароматро гузоштем, балки як нафар аз уламои мӯътабар, ки ба мансаби мударрисӣ сарфароз аст ва ба ин усули ҷадид хуб диққат кардааст, ба сои-ри уламо фаҳмонед.

Ф.— Агарчи хеле мутаассифам, ки уламои шумо ин кизби маҳзро бидуни далел қабул намудаанд ва агарчи вазифаи ман аз шумо истифсори далел аст, лекин чун мақсуди ман шуморо аз хоби ғафлат бедор кардан аст, лиҳозо бояд аҳволи он ҷаноби мударрисро, ки такфиркунандаи арбоби ислоҳ ва таҳримкунандаи усули нофиъаи ҷадида ҳастанд, ба шумо мӯбайан намоям. Хуб бифармоед, он зоти мӯҳтарам аҳли худи Бухороанд ё хориҷа?

М.— Хориҷа.

Ф.— Раияти усмониянд ё Эрон?

М.— Раияти рус.

Ф.— Аз кадом тоифаанд?

М.— Тоифаи тотор.

Ф.— Оё тарҷумаи аҳволи ӯро медонед? Ба ибороти дигар, оё медонед, ки ин мард ба миллату мамлакати худ масдари чӣ хиёнатҳои бузург гардидааст?

М.— Не.

Ф.— Ин шахс дар умури динӣ ва дунявии ҳамватанони худ ба ғояте хиёнат намудааст, ки имрӯз ҳадафи лаънати ҳар тотори соҳибҳиссе гашта.

М.— Боз рафтӣ ба сари он кӣ ба уламои мо бадгӯӣ кунӣ.

Ф.— Бадгӯӣ намекунам. Ҳақ мегӯям, ки гуфтаанд: ҳақ нашояд наҳуфт. Он шахс мардест хиёнаткор, ҳеҷ вақт бадиро дар ҳаққи ҳеҷ мусулмоне дареғ надошта, имрӯз ҳам мехоҳад шуморо ба манъи мактаби ҷадид барангехта, бадин васила садамае ба дини муҳаммадӣ зада худро назди душманони ислом давлатхоҳ намояд. Агар хоҳед зарарҳоеро, ки ба миллату ватани худ раво доштааст, ҳамин дам як-як ба хидмат арз менамоям.

М.— Не, даркор нест, чаро ки ман аввало аҳволи он мударрисро намедонам, бинобар ин суханони шуморо тасдиқ

карда наметавонам, лекин дар назди ҳар оқил маҳол менамояд, ки як нафар мударриси Бухоро хиёнаткор бошад.

**Ф.**— Хомӯш бошед, муғолата накунед, дар шаҳре, ки баъзан бесаводро охунд мекунанд, агар ҳам хиёнатгареро мударрисӣ диҳанд, чи дурӣ дорад, куҷояш маҳол аст?

М.— Маҳол намегӯям. Мегӯям, ки як мударриси олими мутадайин ба кадом виҷдон барои дарёфти қабули душманони дин ба миллату ватани худ хиёнат ва дар мусулмонии Бухоро зарарро раво медорад.

**Ф.**— Тавсиф кардани мударрисро ба олими мутадайин ботил аст. Зеро дар мамлакате, ки охундӣ мусталзими олимӣ нест, мударрисӣ ба тариқи авло нахоҳад шуд, то чи расад ба тадаюн. Сониян, ба кадом виҷдон қабул карданро мепурсед. Гӯш диҳед, ба кадом виҷдоне, ки фалон аълам ба ҷузкашӣ хиёнат кард, фалон муфтӣ рибо хӯрд, фалон муфтӣ ба фалон бачаи бериш ҳаракати бешармона намуд, ин мударрис ҳам хиёнат ба оламии исломро қабул кард.

М.— Ба инҳо наметавонед ҳиллияти мактаби ҷадидро исбот кард. Чӣ уламои Бухоро, балки тамоми мардуми Бухоро иҷтимоъ кардаанд, ки ин мактаби ҷадид ҳаром аст.

**Ф.**— Иҷтимоъ кардани як ҷамоа ба як амри бе далелу бурҳон девонагияст, эҷоби чизеро намекунад ва эътиборе надорад. Оё куффори Макка ба тақзиби ҳазрати набавӣ иҷтимоъ надоштанд, насоро иҷтимоъ ба таслиси зоти иллоҳӣ надоранд? Ҳамчуноне, ки иҷтимоъи онҳо эътиборе надошт, иҷтимои шумо низ эътиборе надорад. Иҷтимоъ бояд бо бароҳини ақлия ва нақлия бошад, на ба гумону интизоъ.

М.— Мардака, ту ки мадраса надидаӣ, улуми моро нахондаӣ, туро чи кор ба ин ҳарфҳо, ҳазрати набавӣ мефармоянд: «Ло таҷтаму уммати алаз залолати»[30], вакте ки иҷтимоъ шуд, дигар ҷои ло ва наам нест.

**Ф.**— Бале, бале, аз барои ҳалол, балки лозим будани мактаби ҷадид ҳамин ҳадис кофист. Худатон низ медонед, ки уммати Муҳаммад танҳо шумо нестед, балки ҳар ҷо мусулмонест уммати он ҷаноб аст. Бас муслимини ҳинд, афғон, усмонӣ, араб, тотор, эрон, алал-иттифоқ ба вуҷуди ин мактаб иқроранд, шумо мунқир. Дар ин сурат, агарчи иҷтимоъ нест, лекин бубинед аксарият ба кадом ҷониб аст?

М.— Вақте назди мо собит шуд, ки ин мактаб ҳаром аст, ин ҳарфҳо фоида надорад.

Ф.— Ба кадом далел собит аст?

М.— Ин мактаб атфоли моро кофир мекардааст.

Ф.— Ҳарф ин ҷост, ман мегӯяму тамоми олами ислом ҳам мегӯянд, ки атфоли шуморо кофир намекунад, балки мусулмони комили муаддаби ватанпарвар менамояд.

М.— На, на. Муқаррар аст ин мактаб атфоли моро кофир мекунад.

Ф.— Ба худо, агар то ҳашр аз шумо далел пурсам, ба ғайр аз фалонӣ гуфт, дигар далел надоред, маъазолика мепурсам, ин мактаб, ки дар шаҳри шумо як сол давом намуда, оё донистед, ки чӣ дарс медоданд?

М.— Бале, донистем. Баъд аз итмоми як сол дарсҳои хондаро имтиҳон доданд. Баъзе аз уламо, ки ман яке аз он ҷумла будам, дар маҷлис ҳозир будем, аз хату саводи форсӣ ва муқаддамоти масоили динӣ, таърихӣ, ахлоқ, ҳисоб, ҷуғрофия имтиҳон доданд, воқеан имтиҳони хуби қобили таҳсин доданд.

Ф.— Оё дар он вақт яке аз он бачаҳо калимаи куфромезе ё ҳаракати нафратангезеро иртикоб карданд?

М.— Не, не. Бачаҳо дар он маҷлис хеле муаддаб ва мусулмон ба назар меомаданд.

Ф.— Дар китобҳое, ки дар он мактаб буд, калимаи куфрӣ навишта дидед?

М.— Не, балки ҳамаи китобҳои он ҷо муфиди воҷиб-ул-таълим буд.

Ф.— Шунидед, ки яке аз он бачаҳо дар беруни мактаб калимае, ки боиси танаффури муслимин аст, гуфта бошад?

М.— Абадан ба илова инҳо мисли бачаҳои мактаби кӯҳна дар бозиҳои бачагона низ хуш надошта нафрат мекарданд.

Ф.— Бачаҳои ин мактаб дар таҳорату намоз сустӣ мекарданд? Ё таҳорату намозашон дигар буд?

М.— Ҳаргиз ин тавр набуд, балки ин бачаҳо дар таҳорату намоз сайъ дошта, аз калонон хубтар ба амал меоварданд.

Ф.— Хоҳиш мекунам ҳазлро канор гузорад. Чӣ гуна мешавад, ки бачаи ҳафтсола аз марди ҳафтодсола таҳорату намозро бақоидатар адо кунад?

М.— Матолиби ман рост аст, шӯхӣ надорад, чаро ки одамҳои калони мо аксар савод надоранд, онҳо ки савод доранд, ба ҷуз ду-се ғазали Хоҷа Ҳофиз ва Навоӣ чи-

зеро намедонанд ва ин кӯдакон аз масоили диния воқифанд. Ин аст, ки таҳорату намози ин атфол аз онҳо бақоидатар мешавад.

Ф.— Муаллими он мактаб кофир ё шахси номаълум буд?

М.— Ҳошо, муаллими онҳо шахсе муслиму мутадайин ва яке аз фозилони Бухоро буд.

Ф.— Пас бо вуҷуди ин ҳама хубиҳо, ки худатон иқрор кардед, аз куҷо донистед, ки ин мактаб бачаҳои шуморо кофир мекардааст?

М.— Боз рафтӣ сари мунозира. Ман нагуфтам, ки ин мактаби хуб аст, балки мақсадам ин аст, ки ин ҷадидҳои нобакор, ки дар майдони ҳилаву макр кӯи сабқат аз иблис мебаранд, аз барои кофир кардани бачаҳои мо асбоби хубе ва услуби марғубе рӯи кор овардаанд: аввалан ба атфол улуми машрӯҳ таълим дода худро ба назари мо хайрхоҳ менамоянд. Ҳамин ки мо фиребашонро мисли он муфтӣ хӯрдем, он вақт ба матлуби аслӣ, ки кофир кардани атфоли мост, шурӯъ мекунанд.

Ф.— Аҷабо, магар як нафар муфтӣ низ тарафдори усули ҷадид шудааст?

М.— Бале, як писари худро низ дар он мактаб монд.

Ф.— Он муфтӣ олими хуб аст? Ё мисли муфтиёни маъмули Бухоро?

М.— Ӯҳӯ, вай бисёр муллост, мисли соири муллоҳои калон ҳамаи илмаш танҳо дар мантиқ ё наҳв ё калом нест, балки дар ҳамаи масоил — чи динӣ, чи мантиқӣ, чи эътиқодӣ, чӣ фалсафӣ дасти том дорад. Илова бар инҳо мутадайину ҷоннисори ислом ҳам ҳаст.

Ф.— Ҳоло ҷаноби шумо, ки дар бораи хиёнати мударриси нуғай мегуфтед, ки ба кадом виҷдон қабули хиёнатро кардааст, чаро дар бораи як ҳамчу касе, ки ба қавли худатон олим аст ва мутадайин аст, фикр накардед, ки ин мард ба кадом виҷдон ба кофир шудани як ҷамоа мусулмон, ки писари худаш ҳам аз онҳост, розӣ мешавад?

М.— Он муфтӣ ҳақиқати ин мактабро надонист.

Ф.— Чӣ шуд, ки як нафар мударриси маҷҳуле, ки таркиби зараба зайдунро намедонад, донистa ҳукм ба таҳрими мактаб намуд ва як муфтии машҳури олами мутадайин надониста ҳукм ба ҳиллияташ кард? Хуб, оё донистед, ки ин мактаб баъд аз чанд сол бачаҳои шуморо кофир мекардааст?

М.— Бале, баъд аз чаҳор сол.

Ф.— Пурғуроми ин мактабро медонед?

М.— Пурғуром чист? Ба ман мусулмонӣ ҳарф занед.

Ф.— Хуб, феҳристи дарсҳои мактаби ҷадидро медонед?

М.— Ман кай дар ақиби дидани ҳамин китобҳои ношаръӣ будам, ки донам?

Ф.— Соири уламои шумо, ки усули ҷадидро ҳаром гуфтанд, медонанд ё не?

М.— Аҷаб беақле ҳастӣ. Як мардак як мактаби тоза кушод, як мардаки дигар гуфт, ки ин ҳаром аст, уламо ҳам қабул карда мактабро бастанд. Пеш аз ин кӣ медонист, ки дар дунё ҳамин тариқ мактаб ҳаст, то китобҳои ӯро донанд.

Ф.— Магар уламои шумо аз мазмуни ояи карима қолаллоху таборака ва таъоло «ва ло тақулу ламмо тасифу алсинатакумул кизба ҳозо ҳалолун ҳозо ҳаромун»[31] ғофиланд, ки ин тарика надониста, бидуни таҳқиқ ба маҳзи гуфтани як марди аҷнабӣ чизеро ҳаром мегӯянд? Агар шумо филвоқеъ арбоби илм буда ғарази фосиди шахсе надошта бошед, албатта, кореро, ки умуми олами ислом лозим дониста қабул кардаанд, шумо ҳам қабул карда аз ин таассубҳои пучу мухолифатҳои бемаънӣ баргардад ё таҳқиқ намоед то фардои қиёмат ба мавриди бозхости қозии ҳақиқӣ шарманда нагардед. Ҳоло далели дигаре аз барои безарарии ин мактаб дорам қавитар аз аввал аст.

М.— Бигӯед.

Ф.— Ин мактабро муддатҳост дар Истамбул, Бағдод, Миср, Ҳинд, Нуғайистон, Қафқоз кушодаанд. Ҳанӯз як нафар аз онҳо кофир нашудааст, балки дар мусулмониву илм ба камоли дараҷа расидаанд. Мулоҳиза кунед, дар ин айём, ки насоро тамоми ҳиммати худро бар радди дини ислом мунҳасир дошта, ҳар рӯз чанд ҷилд китоб дар радди ин шаръи мубин таълифу нашр менамоянд, уламои Истамбул, Ҳинд, Миср соат ба соат ба таълифи кутуби раддияи эшон пардохта, рӯз ба рӯз ба муллоҳои воҳиди онҳо мунозира карда мулзам месозанд, бар хилофи уламои Бухоро, ки ҳанӯз нашунидаам яке аз онҳоро, ки як хат дар радди насоро навишта бошанд ва ҳам ин сол, ки 1328 аст, дар Афғон ва дар Мадинаи мунаввара, ки шаҳри пайғамбар аст, ин мактабро кушодаанд. Хусусан дар Мадина рӯзи кушоди ин мактаби шариф иди бузург гирифта буданд. Касе нагуфт, ки

ин ҳаром аст, атфоли моро кофир мекунад, шумо аз куҷо мегӯед?

**М.**— Қатъи назар аз кофир кардан ин мактаби ҷадид аз чанд ваҷҳи дигар ҳаром аст.

**Ф.**— Бисёр хуб, алон ҳамин қадар иқрор кардед, ки мактаби ҷадид атфоли шуморо кофир намекардааст.

**М.**— Магар девона шудаам, ки ҳамчу иқроре кунам, албатта, мактаби ҷадид бачаҳои моро баъд аз чор сол кофир мекунад.

**Ф.**— Ба кадом далел?

**М.**— Далел чи лозим аст, мударриси нуғай гуфтанд.

**Ф.**— Ба ғайр аз қавли ҳамин мардаки нуғай санади дигар доред ё не?

**М.**— На.

**Ф.**— Аҷабо, як мардаки аҷнабӣ, ки хиёнатгарию фитнаангезиаш ба ҳар кӣ маълум аст, маҳз барои таъмини маишати худ як сухани дурӯғеро гуфт, эътибор мекунед. Ман, ки шоҳидҳои ҳиссӣ меорам, қабул намекунед, чаро? Масалан, ман мегӯям, ки ин мактаб муддатҳост дар Истамбул, Миср, Бағдод, Нуғайистон, Қафқоз ҷорист, ҳанӯз касеро кофир накардааст, балки ҳамаи онҳоро олимтару мутаддайинтар, ватанпарасттар аз собиқ сохта аст, пас маълум мешавад, сухани мардаки нуғай, ки то чор сол бачаҳоро кофир мекунад, дурӯғ будааст ва имсол дар Афғонистон ва дар Мадинаи мунаввара кушоданд, касе чизе нагуфт, пас маълум шуд, ки сухани мардаки нуғай фиреб будааст. Ҳоло худатон Ҳиндустонро дидед. Аз рӯи инсоф бигӯед, ки мардумони ин ҷо ба аҳкоми шаръи муҳаммадӣ собитқадамтаранд ё аҳли Бухоро?

**М.**— Мардумони Ҳинд мусулмонтар аз бухороиҳо будаанд?

**Ф.**— Дар миёни мусулмонони ин ҷо дидед ё шунидед, ки касе ба ваҳдати илоҳӣ ё ба набуввати аҳмадӣ ё ба ҳақиқати «Қуръон» ё ба ҳукме аз аҳкоми шаръ инкор карда бошад?

**М.**— Не, не. Абадан инҳо хуб мусулмони комил ҳастанд.

**Ф.**— Мактаби ҷадид бист сол аст, ки дар ин замин ҷорист, ба қавли худатон аҳадеро кофир накардааст. Оё боз ба дурӯғии сухани мударрис шакке боқӣ монд?

**М.**— Фарз кардем, ки мактаби ҷадид бачаҳои моро кофир намекунад, лекин ба сабаби чанд кори дигар ҳаром аст.

**Ф.**— Ҳаром будан масъалаи дигар аст. Ҳоло баъд аз так-

рироти ман боз маҷоли тасдиқи сухани он нуғаи муфсидро доред ё не?

М.— Хуб, аз такрироти шумо донистам, ки воқеан ин мактаб бачаҳоро кофир намекардааст, аммо андаке шакк боқӣ аст.

Ф.— Он кадом аст?

М.— Он мударриси нуғай аз барои чӣ ин дурӯғи муфти бенафъро мегӯяд.

Ф.— Ин эродро, ки аввал дафъ карда будам. Охир вақте собит шуд, ки он кас хоини миллат аст, пас ин дурӯғро аз пеши худ намегӯяд, бе нафъ ҳам нест.

М.— Саҳеҳ аст, лекин як мусулмони мулло ба кадом виҷдон бар зарари ислом иқдом менамояд?

Ф.— Уфф, чанд бор гӯям. Аксар муллоҳои шумо виҷдон надоранд. Ба кадом виҷдон, ки фалон аълам ба ҷузкашӣ хиёнат кард, фалон муфтӣ рибо хӯрд, фалон муфтӣ ба бачаи бериш ҳаракати ношоиста кард. Ин мударрис ҳам аз ҷониби аҳли куфр бар зарари ислом коре кард. Акнун чӣ мегӯед? Оё яқин доред, ки мактаби ҷадид атфоли шуморо кофир намекардааст.

М.— Оре!

Ф.— Дуруст фаҳмидед, ки мардаки нуғай ин сухани дурӯғро аз ҷониби душманони ислом машҳур кардааст.

М.— Оре!

Ф.— Пас, дар ҳаққи мактаб чӣ мефармоед?

М.— Мактаб, ки ҳаром аст...

Ф.— Ба кадом далел?

М.— Ҳазор далел дорем.

Ф.— Бисёр хуб, ҳоло агар ҳамаи далелҳоро якбора бигӯед ва баъд аз он ҷавоб диҳам, матлаб равшан намешавад. Беҳтар он аст, ки ин далелҳоро як-як гӯед, то таҳқиқ кунем.

М.— Далели аввал ин ки дар ин мактаб бачаҳо болои курсӣ менишинанд.

Ф.— Бисёр хуб, аз ин чӣ баромад?

М.— Ту шаръро намедонӣ, пайғамбар фармудаанд: «ман ташаббаха қавман фаҳува минҳу», яъне хар кас ташбеҳ созад қавмеро пас он шахс аз ҳамон қавм аст. Дар курсӣ нишастан кори рус аст, агар бачаҳо низ дар курсӣ нишинанд, ба воситаи ин ки ташаббуху ба русҳо кардаанд, рус хоҳанд шуд.

Ф.— Боракаллоҳ, ҳазрати муҳаддис, аввалан он кас, ки ҳадиси мазкурро гуфта, ин ҳадисро ҳам гуфтааст, ки «ман

қола ло илоҳа илаллоҳуло адҳулу нора»[32], яъне ҳар кӣ калимаи тавҳидро гӯяд ба дӯзах намеравад, агар маънии ҳадиси ҳолиси аввал гуфтаи шумо бошад, ин ду ҳадис накизи ҳамдигар мешаванд. Як ҳадисро аз обову аҷдодатон мешунавед, лекин кутуби ҳадисро дида таҳқиқ намекунед. Муҳаддисини киром ҳадиси мазкурро ба ин тариқа тавҷеҳ мекунанд, ки «ман ташаббаҳа мазҳаббатан лаҳум майлан ало диниҳим фаҳува минху»[33], яъне касе, ки ташаббуҳ кунад, кавмеро аз рӯи муҳаббат бар эшон, аз рӯи майл бар дини эшон он шахс аз он қавм аст. Дуввум: Агар аз барои кофир шудан ҳамин қадар мушобаҳат кифоят кунад, уламои шумо ба сару гардани асп тиллову нуқра мебанданд. Ин худ одати маҷус аст, бояд онҳо ҳам маҷус бошанд. Сеюм: Худованд чашму гӯши шумоёнро мисли чашму гӯши русҳо офарид, чӣ зарар ба динатон расид? Чорум: Курсӣ нишастанро русҳо ихтироъ накардаанд, балки аввал касе, ки дар курсӣ нишаст аз кибори Саҳобаа Муъовия бинни Абӯсуфиён буд. Панҷум: Як мартаба ба виҷдони худатон муроҷиат кунед, чи гуна Қуръонеро, ки аз тарафи халоқи оламу оламиён ба тавассути малики бузургвор ба афзали махлуқот, яъне расул-уллоҳ нозил гардидааст, ҳар кас болои замин ва болои хасу хошок хонад мусулмон ва ҳар кӣ бо камоли эҳтиром дар болои курсӣ нишаста хонад, кофир? Шашум: Агар ба воситаи дар курсӣ нишастани атфол як мактаби исломиро мебандед, чаро мактаби русро мегузоред ба он ки дар он ҷо ҳам дар курсӣ менишинанд, ҳам забони рус таълим мегиранд. Ҳафтум: дар мамлакате, ки умаро ба хӯрдани хуни раоё, зино, уламо ба ақли рибо,[34] хиёнат ба ҳуқуқи талаба, эҳдоси нифоқ байни муслимин, талаба ба истеъмоли мускирот[35], ағниё ба тарки закоту намоз ва иртикоби аксар навоҳӣ иштиғол доранд, касе ҳанӯз манъ накарда ва наҳоҳад кард. Як мактаби нофеъро ба баҳонаи дар курсӣ нишастан чӣ гуна манъ намоянд. Агар уламои шумо уламо бошанд бояд «варасат-ул-анбиё», «каанбиёи бани Исроил» бошанд, пас бо он ки худованд ба фатвои ояи карима «ва мололлоҳу юриду зулман лил оламии» «валлоҳуло яҳдию қавми золимин»[36] зулмро наҳӣ менамояд, чаро ба кандани асоси зулм, ки дар Бухоро камоли шуйӯъро дорад, намекӯшанд. Масалан, бо он ки шарораи зулму истибдоди фалон ҳоким қитъаи васеаро ба

ҳадде сӯхт, ки имрӯз бист ҳазор уммати Муҳаммад аз он ҷо ба мамолики ҳамсоягон ҳиҷрат намудаанд, касе напурсид, ки шуморо чӣ мешавад, чаро ватани худро тарк мекунед, боиси харобии хонумони шумо кист, балки шахси золимро ба унвони давлатхоҳӣ намуданд. Ва сели ситами фалон қозӣ мамлакати маъмураеро хароб сохта, асоси осоиши халқуллоҳро барканд, ба номи ҷанобашон олими мутадайинанд... Дор-ул-ҳукумаро ба ӯ супориданд. Субҳон аллоҳ ҳанӯз аз ёдам намеравад, ки дар Ма́рв ба яке аз фирориёни истибдод мулоқот карда, сабаби хиҷраташро пурсидам. Гуфт: «Зане доштам соҳибҷамол. Аз қарори зоҳир писари бузурги ҳокими мо ӯро шунида ба муктазои нафсу шаҳватпарастӣ маро талабида хост, ки ӯро назди ӯ фиристам. Ман ибо намудам, ҳар чӣ ба ваъдаҳои ширину ба таҳдидоти ҳавлнок исрор карданд, фақир ба ибо афзудам. Ночор мураххасам намуданд, лекин пас аз чор рӯз ясавули ҳоким, ба сурате, ки хоссаи муаккалони ҷаҳаннам шуд, омада дасту гардани маро ба тӯҳмати дуздӣ басту бурд. Ҳамин ки чашми ҳоким ба ман афтод, гӯё чанд маротиба аз банди ӯ гурехта бошам, бе истинтоқ маҳбусам намуд, баъд аз он ки чанд муддат дар зиндон хобидам, маҷбуран маблағи ду ҳазор танга ба ҳоким, ҳазор танга ба одамҳояш ҳадя карда, халос гардида, ба умеди андак осоиш ба сӯи хона шитофтам. Ҳамин ки ба манзил расидам, дидам ҳайҳот, дар боз, на аз аёлам хабар, на аз амволу асбобам асар, девонавор ба ҳар тараф давидам. Яке аз ҳамсоягон ҳикоят кард, ки баъд аз ҳабси ман писари худонотарси ҳоким ба занам одам равона карда. Он бечораи ғариба аз тарс бе он ки ба касе маълум кунад, гурехта ва он золим аз ғояти ғазаб ба ғасби ашёи хонаи ман ҳукм дода. Инро шунида дигар тоқати иқомати он сарзаминро ба худ надида, аёламро аз деҳаи дигаре ёфта, хонаамро ба баҳои каме фурӯхта, ба ин тараф омадам». Аҷабо! Ин бечорагон магар инсон нестанд? Магар уммати Муҳаммад нестанд? Магар худо асоси адлро барои осоиши инҳо нагустуронид? Магар шариати Аҳмадӣ ҷиҳати истироҳати эшон зулмро наҳй нафармуд? Бо камоли итминон мегӯям, ки имрӯз дар ҳар гӯшаи Бухоро ҳазор қисм зулму ҷафо, ки саҳлтараш ҳикояи мазкур бошад, мавҷуд аст. Инсон ҳар қадар сангдил, ваҳшӣ, бераҳм бошад, мумкин нест, ки ба ҳоли харобӣ ин миллати аз по

фитода нагиряд. Бале, ҳамин аст, ки асбоби ғалабаи русҳоро фароҳам оварда, ҳамин зулм аст, ки Бухорои маъмурро аз ҳаробтарин замини дигарон харобтар гардонида. Агар аз машкобу ҳаммол гирифта то бузургтарин аъёни Бухороро пурсем алалиттифоқ ҳукумати русро, ки душмани ислом аст, бар ин мусулмони бедиёнат тарҷеҳ мекунанд. Пайдост натиҷаи ин чист. Агар уламои шумо уламоянд, ҳаёли иҷрои авомири илоҳиро доранд, бисмиллоҳ, майдон холӣ бикӯшанд, исломро тараққӣ диҳанд, як мушт уммати Муҳаммадро аз зери бори зулм халос созанд, дини исломро аз тасаллути куффор наҷот бахшанд, нагузоранд, ки як нафар ҳоким на худост, на пайғамбар, на авлиё, на малоика, на чор чашм дорад, на ҳашт по, на улуми диния медонад, на фунуни сиёсия, мухтасар хату саводи зарурӣ ҳам надорад, яке аз ашроф раиятро зиндонӣ, занашро фирорӣ, амволашро яғмо намояд.

М.— Инҳо вазифаи уламо нест, кори амир аст, уламо чӣ ҳадд доранд, ки ба хилофи амир ҳарфе зананд.

Ф.— Дурӯғ мегӯед, райъи муборaки олиҳазрати амир ҳаргиз ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин ҳама зулму раияткушӣ ризо намедиҳад. Ин қадар ҳаст, ки зоти ҳумоюнаш танҳост, ба муқтазои инсоният наметавонад аҳволи фард-фард раиятро ба чашми худ бинад. Бинобар он як шахсро ба як ҷамоа ба исм ҳокиме мефиристад, ки ҳуқуқи байт-улмолро аз онҳо истифо намуда, ҳофизи интизоми аҳволашон бошад ва ду нафар аз уламоро маҳали эътимоди худ қарор дода унвони қозиву раис ба ӯ ҳамроҳ мекунад, ки нозири ҳаракоти ӯ буда, ҳамин ки муртакиби амре ғайри машрӯъ гардид, арз намоянд то маъзул намуда шавад. Ин ду нафар ҳазароти уламо ҳамин ки ба он ҷо расиданд, икдом ба ҳар амри номашрӯъ саҳл аст. Он ҳокимро ҳам ба тариқи хунхорӣ ҳидоят менамоянд. Дар ҳолате, ки аз асари захми синони ҷафои ин се нафар душмани инсоният хоби раияти бечора намебарад, ба ҳазрати подшоҳ арз мекунанд, ки аҳолӣ дар махди осоиш ғунуда, дар сурате, ки нолаи мазлумини фалакзада гӯши сокинони манзараи аршро кар мекунад, менависанд, ки ҷуз дуои давлати абадмуддати рӯзафзун коре надоранд. Агар гоҳе чанде аз он мазлумин ба мулоҳизаи ин ки мо ҳам подшоҳ дорем, подшоҳи мо одил, мушфиқ аст, биравем арзи ҳоле диҳем, шояд моро аз азоби ин наберагони молики дӯзах халос

намоянд, ба дарбори ҳумоюнӣ оянд, илоҷе нест. Гургони пешаистибдод даври олиҳазрати подшоҳиро ба ҳадде гирифтаанд, ки агар аризаи раоё пашша ҳам шавад, аз назари онҳо гузашта ба мутолиаи ҳумоюн расиданаш маҳол аст, балки аризаи ӯро аз номи роҳ даронида ба унвони амир дурӯғ гуфтанд. Шалоқи зиёде зада мегардонанд, то боз ба мулки худашон рафта ба рӯзе аз аввал низ сиёҳтар бинишинанд. Ҳоло бигӯед, ки гуноҳи олиҳазрати амир дар ин миёна чист? Дар санаи 1327, ки Тӯрахоҷаи Судур ба ҳукумати Қаршӣ сарфароз шуд, зулми қозиёнро ба ҳазрати амир (марҳум) арз кард. Дастхати ҳумоюн содир шуд, ки қозӣ ва раисон хидматонаи мулозимони худро маҳдуд ва муайян намоянд. Бадбахтона, дастхати мазкурро касе ғайр аз Судури оқибати маъмур ба мавқеи иҷро нагузошт. Агар шумо уламо низ зулми ҳуккомро гӯшзади зоти ҳумоюнаш карда арз намоед, ки ҳуккоми золим номи олиҳазрати подшоҳро ба бадӣ машҳур месозанд, салтанати золима ба фатвои каримаи «ва молиз-золимина мин ансори»[37] пойдор намемонад, албатта, суханони шуморо қабул хоҳад намуд. Лекин чӣ чора, шумо уламои Бухоро ҳамеша машғули ҳавасоти нафсонӣ буда, ба гирди хаёли тараққии ислом ва иҷрои аҳкоми илоҳӣ нагардидаед. Воқеан, аз матлаб дур шудем, далели дигаратон дар ҳаром будани ин мактаб чист?

М.— Агар ин мактаб даҳ сол дар Бухоро давом кунад, тамоми мадрасаҳо хароб шуда, дарсхонӣ барҳам мехӯрад.

Ф.— Агар мақсудатон аз ин сухан ин аст, ки илм аз Бухоро бардошта мешавад, ба иборати дигар, аҳли ин мактаб таҳсили илмро куфр ё гуноҳ медонанд, ин худ ботил аст, зеро ҳамчунон ки собиқан гуфтам, ин мактаб дар дар Ҳинд, Бағдод, Миср, Қафқоз, Қазон солҳо мешавад, ки ҷорист ва мардумони ин мамолик аз аҳолии Бухоро ба каррот олимтаранд. Бо иқрори худатон аҳли Ҳинд аз мардуми Бухоро олимтару мутадайинтаранд. Агар гӯед, ки «тариқи дарсхонии махсусе, ки бухороиҳо доранд, барҳам хӯрда ба ҷояш тариқи дигар шоеъ мешавад», ин чӣ зарар ба олами ислом дорад? Матлабро муфассал кунем, тариқи таҳсили қадим аз рӯи иқрори худатон аз ин қарор аст: бача дар ҳафтсолагӣ мактаб рафта даҳ сол хонда хату саводи форсӣ бароварда, баъд аз ин дар мадраса машаққатҳо дида, ҳар чӣ до-

рад ба хазрати устод тақдим карда, бист сол таҳсил намуда, дар ҳолате, ки ғайр аз ҷинсияти ломи ҳамд ва зиёдати лафзи сулс чизеро намедонад, хатм мекунад. Ҳатто бо он ки таҳсили бистсола тамоман ба забони арабӣ буда, ҳанӯз аз такаллуми ин забон оҷиз меояд. Баъд аз хатм, ба ҷои он ки биравад дар ислом хидмат намояд, мардумро ба роҳи рост ҳидоят намояд, шарафи инсонияти худро барои муаххази каме ба назди ҳамҷинсони худ поймол месозад, барои як мударрисии андак хонаи қозии бесаводеро каъбаи муаззама ва дарбононашро фариштагони раҳмат мешиносад. Тариқи таҳсили ҷадид: Бачаро аз шашсолагӣ мактаб мефиристанд, дар нуздаҳсолагӣ шахси олим, мутадайини ватанхоҳ диндӯст, миллатпараст, содиқ, одил, мутеъи тамоми авомири исломӣ, муштамили куллияи шароити инсонӣ мешавад. Пас муддати таҳсили мактабу мадрасаи қадим сӣ сол, муддати таҳсили ҷадид сездаҳ сол будааст. Қайфияти таҳсили қадим: Талаба аввалан даҳ сол ба андӯххонаи торик гирифта ҳавои пуркоҳе, ки хеле мушобиҳат ба гӯшаи зиндон ё бо маҳалли сукунати чорпоён дорад, даромада аз як муаллими маликул-мавт сириште ба замми зарбу хақорат ҳар рӯз ду сабақ мегиранд, он ҳам ба тариқи бихону бигузор касе парвои ин надорад, ки сабақи дирӯз мазбут, сабақи имрӯз мафҳум мешавад ё не. Қайфияти таҳсили ҷадид: атфол дар мактабе фараҳбахш, инбисотафзои олииморат, ки як бинои мутобиқи қавонини хифз-ул-сиҳа, дар миён боғчаҳои ирамфазо монанди қасрҳои биҳишт ҷилва менамояд, дохил шуда, аз муаллимони маликхӯи хушсимо рӯзе се дарс, ба шарти имтиҳон, бидуни чини пешонӣ, ба тариқе, ки дар миёни ҳар дарс рубъи соат дар боғчаҳои мазкур танаффус намоянд, таълим мегиранд.

Қоидаи таҳсили кадим: Талаба дар овони таҳсил даст ба коре намезанад. Ағлаби авқот бо камоли қашшоқӣ ва қарздорӣ мегузаронанд, ба иллати қашшоқӣ зан ҳам намегиранд. Баъд аз он ки ба синни сию ҳафтсолагӣ хатм карданд, ақаллан се сол дар талаби муаххаз дарбадар мешаванд, то ба синни чиҳилсолагӣ мерасанд. Бадеҳист, ки умри аксар мардуми замон чиҳил сол аст, пас ағлаби хатмкардагон зан нагирифтан саҳласт, ки бидуни адои қарз мемиранд. Бад-ин восита ҳам насл аз миёни исломиён кам мешавад, ҳам чанд му-

сулмон (бар хилофи шариати худашон) ҳаққи мардумро ба гардан мебаранд.

Фоидаи таҳсили ҷадид: бачаҳои тавонгарон дар мактабҳои уҷратӣ, бечорагон дар мактабҳои маҷҷонӣ бо камоли осудагӣ таҳсил карда, пас аз хатм мударрисӣ, сипохигарӣ, тиҷорат, саноат, касабагии деҳқонӣ, ба ҳар коре, ки рӯй биёваранд, бидуни хориву маъталӣ ба даст дароварда аз ӯҳдааш низ мебароянд ва ҳам дар таҳсили қадим бинобар дарозии муддат занҳоро аз шарафи иктисоби илм маҳрум дошта аз имтисол ба ҳадиси шариф «талаб-ул-илми фаризатун ало кулли муслимин ва муслиматин» даст мекашад. Дар таҳсили ҷадид: духтарро дар овони шашсолагӣ мактаб мебаранд, агар хоҳанд ҳаждаҳ ва ило чаҳордаҳ сол хононида олимаи тафсирхон ҳадисхон намуда ба шавҳар медиҳанд. Ҳоло маълум шуд, ки ҳар куҷо таҳсили ҷадид даҳ сол давом намояд, билтабъ таҳсили қадим барҳам мехӯрад, аммо ин зарари ислом нест, балки нафъи ислом аст.

М.— Чаро зарари ислом нест? Таҳсиле, ки муҷтаҳидон, олимон, падарон, бобоёни мо дар ӯ давом доштанд, аз миёна рафта, як тариқи тозае, ки ихтирои куффор аст ба ҷояш меояд.

Ф.— Аввалан, мактаби ҷадид ихтирои куффор нест. Бар тақдири он ки ихтирои куффор ҳам бошад чун ба ҳолати имрӯзаи исломиён кофӣ аст, ихтиёр мекунед, куҷои дунё вайрон мешавад?

М.— Ҳеҷ куҷои дунё вайрон намешавад, лекин агар мо усули ҷадидро ба тариқи қадимии худ тарҷеҳ намоем, тарҷеҳи куфр бар ислом лозим меояд.

Ф.— Ҳамчунон ки усули ҷадид ихтирои куффор нест, тариқи таҳсили шумо ҳам таҳсили бузургон ва муҷтаҳидони ислом нест, то аз тарҷеҳи усули ҷадид бар ӯ тарҷеҳи куфр бар ислом лозим ояд. Бар фарзи таслим ин ки ҳамин таҳсили шумо таҳсили бузургон ва муҷтаҳидони ислом буда, имрӯз, як тариқи осонтар ва муфидтар аз ӯ ёфтед. Инро мегиред, чи зарар ба ислом дорад?

Масалан: падарон, бузургон, муҷтаҳидони шумо пас аз ин ки азимати ҳаҷ мекарданд, савори асп ё ҳар гардида, дар муддати шаш моҳ аз Бухоро то Бағдод ё Бомбей рафта, аз он ҷо ба киштии бодӣ нишаста дар зарфи як сол ба Макка расида, ҳаҷ карда, то дар Бухоро муроҷиат менамуданд, се солу чанд моҳ мегузашт.

Ҳоло ки куффор аробаву киштиҳои оташӣ сохтанд, ҳама якбора тариқи ҳаҷ рӯи бузургони дини худро тарк карда, аз роҳе, ки кофирон дуруст карданд, дар муддати бисту панҷ рӯз ба Макка рафтанд, на дин аз даст рафт, на дунё вайрон шуд, балки аз Бухоро дар қадим соле бист кас ба зиёрати Қаъба базӯр мерасид, ҳоло соле ҳазор кас меравад. Масъалаи таҳсил ҳам чунин аст. Дар тариқи кӯҳна ҳамаи занон аз шарафи илм маҳрум мемонанд. Аксар мардон бидуни хату савод зиндагӣ мекунанд, дар ҳар аср як ё ду адад олими бузург мебарояд. Ба тариқи ҷадид бино ба осонӣ ҳам занҳо, ҳам мардҳо тамоман олим мешаванд. Инчунин Қуръонро дар замони пайғамбар ва асҳоб дар рӯи шонаи гӯсфанд, ба хати куфӣ менавиштанд. Ҳоло асрҳо меравад, ки барои осонӣ дар рӯи коғаз ба хати насх менависанд. Ҳанӯз осмон ба замин начаспидааст. Масъалаи таҳсил ҳам чунин аст. Асоси шариати аҳмадӣ, ризои ҳазратпарвар коре ба таҳсили амал мебошад «камо қолаллоҳу таоло юридуллоҳу бикум алюсра валоюриду бикум алъусра», «юридуллоҳу ан аҳафифа анкум ва хулиқалинсону заифо» [38].

М.— Далели дигар ин ки ҷадидҳо алифборо бисту панҷ ҳарф кардаанд. Ин дар мазҳаби мо дуруст нест, ҷадидҳо кофир шудаанд.

Ф.— Алифбои форсиро бисту панҷ ҳарф кардаанд ё алифбои арабиро?

М.— Алифбо форсӣ, арабӣ надорад, ҳамин алифбои бачаҳо дар мактаб мехондагиро.

Ф.— Мударрис, бояд ҷаноби шумо ҳам воқиф бошед, ки вақте ки тоифаи башар дарёфтанд, ки ҳар қадар аз барои ифодаи маънӣ мӯҳтоҷи такаллум ҳастанд, аз барои ибқои он ифодот ҳам он қадар ба таҳрир эҳтиёҷ доранд, пас ҳар қавм аз барои навиштани ҳар навъ аз савт як шакли вазъ намуданд, Масалан: араб, ки вақти такаллум аз даҳонашон бисту нӯҳ тарзи садо мебаромад, бисту нӯҳ шакл, форсиён, ки вақти сухан кардан аз даҳонашон бисту панҷ ҳарф мебаромад, бисту панҷ шаклро аз барои навиштан таъйин карданд, ки мо он шаклҳоро алифбо мегӯем. Аз ин таҳрир бояд се чиз фаҳмида бошед: аввал ин ки ҳар миллат ба муносибати забони худ алифбо доранд; дуввум — алифбои арабӣ бисту нӯҳ ҳарф, алифбои форсӣ бисту панҷ ҳарф аст: сеюм — алифбои ҳар қавм тобеи забони эшон аст, рабте ба ди-

ну мазҳаб надорад. Дар мактаби ҷадид алифбои форсиро ҷудо, алифбои арабиро ҷудо таълим медиҳанд, ба ин тариқа ки:

«Алифбои форсӣ»
алиф, бо, по, то, ҷим, чим, хо, дол, зол, ро, зо, жэ, син, шин, ғайн, қоф, коф, гоф, лом, мим, нун, вов, ҳо, ло, ой,

«Алифбои арабӣ» а, б, т, с, ҷ, то охир. Аз ин тақрир донистед, ки дар мактаби ҷадид алифборо кам намекардаанд, балки алифбои форсиро ҷудо, арабиро ҷудо ёд медодаанд, то бача баъд аз калон шуда, дарс хонда мударрис шудан, дар роҳи ҳаҷ, дар пеши як фарангӣ аз фарқ кардани миёни алифбои забони худаш ва алифбои забони дигарон оҷиз намонад. Пас, бечора ҷадидҳо кофир ҳам набудаанд.

Бар тақдири таслим ҳам, ки алифборо бисту панҷ ҳарф карда бошанд, чи гуна мешавад, ки шумо уламои Бухоро масъалаи ҷиҳоду ҳифзи байзаи исломро, ки худованд бо оёти касира фарз гардонид, маҳзи танбалӣ ва роҳатпарастӣ чашм пӯшидед, рибoро аз нусуси монеааш таҷоҳул карда дар маҳзари шаръ бо васоиқи шаръия муомила намудед, авқотро бидуни иҷозаи шаръия дар мавқеи байъу шутр гузоридед, мамолики исломияи Туркистонро аз қабзаи тасаррyфи шоҳони исломӣ берун андохтед, исломи азизро залил, исломи ғолибро мағлуб намудед, исломи чизябигирро чизябидеҳ, исломеро, ки фарқи кофира аз бими қоҳирааш меларзиданд, бо анвои тазалзул дучор сохтед, исломеро, ки солҳо «аслуҳо собитун фил арзи ва фаръуҳо фиссамои»[39] буд ба ҳолати измеҳлол расонидед, модари меҳрубон ватанро дароғӯши бегонаагон афкандед, кофир нашудед, ҷадидон чор ҳарф аз алифбо кам кардан кофир шуданд?

Эй ғафлатзадагон! То кай таҷоҳул! То чанд худписандӣ? Исломро ба рӯзи ғарибӣ нишонидед, исломро ба ҳолати бекасӣ овардед, қадре ба ҳуш оед, танбалӣ бас, худписандӣ бас, вахшигарӣ бас! Қаме мулоҳиза намоед, бубинед чӣ садамаҳо, ки аз вуҷуди шумо ба пайкари латифи ислом нарасида, чӣ балоҳо, ки ба сари шаръи матини Муҳаммадӣ ба воситаи ваҳшати шумо наборида. Эй гумроҳони бодияи бехабарӣ! Магар ҳамин ислом набуд, ки ба муддате андак аз Арабистон гирифта то Ҳинд, Чин, Тотористон, Рум, Эрон, Андалусро ба нури тамаддун равшан кард? Магар ис-

лом набуд, ки аз ҳайбати тарафдорони пилтану ҳомиёни шерафганаш замину замон меларзид? Ислом иззат дошт, уббаҳат дошт, ислом давлат дошт, шавкат дошт, ислом азамат ва бартарӣ дошт, ислом қудрату забардастӣ дошт. Ислом буд, кӣ садои тӯпи салотини Андалусаш қалъаҷоти Фаронсаро мутазалзил ва лагадсаворони Темуриаш маобиди русро музмаҳил менамуд; ислом буд, ки салотини усмонӣ ва Эронаш болодасти Фарангистон, ҳаждаҳ подшоҳи бузургаш ҳамеша тоҷдори Ҳиндустон буданд.

Эй бехабарони ҳақиқати мусулмонӣ! Оё фикр кардаед, ки он қувваи ғайбияи исломро кӣ барҳам зад? Тамаддунаш ку? Илмаш чӣ шуд? Ҳомиёни шерафканаш куҷо рафтанд? Тарафдорони пилсуратаашро чӣ пеш омад, ки якбора даст аз тарафдориаш кашиданд? Иззату убуҳаташро кӣ ғасб намуд? Давлату шавкаташро кӣ яғмо кард? Чӣ шуд, ки азамату бартариро аз даст дод? Чаро қудрату забардастиро нобуд сохт? Номи салотини фотимиашро аз замини Андалус, асари подшоҳони тоҷдорашро аз арозии Ҳинд кӣ бардошт? Кадом даст тасаллути подшоҳони Усмонӣ ва Эронашро ба рӯзи заъфу тазалзул нишонид? Гардани набераги Темурашро ба таноби итоати рус кӣ бандонид?

Бо камоли итминон метавон гуфт, ки ҳамаи инҳоро шумо кардед. Бале, рафъи азамати ислом, заволи давлати ислом, дучори измеҳлол шудани ислом ҳама аз шумост, фардо фанои ислом ҳам аз шумо хоҳад буд. Зеро агар шумо абвоби тараққӣ ва тамаддунро ба рӯи умматони Муҳаммад намебастед, агар шумо бисоти ваҳшигариро дар миёни инҳо намегустурдед, агар шумо асбоби ҳарбиро мунсир ба шамшеру камони каҷ ва сарбозони мафлуки 70 сола дониста, будуни ин ки фикре ба мазмуни ояти каримае: «фаман иътадо алайкум фаътаду алайҳи би мисли мо иътадо алайкум»[40] намоед, сохтани тӯп, туфанг, бомб, динамият ва ғайра ва таҳсили илми низомро ҳаром намегуфтед, агар шумо аз супоришномаи шарифае: «Ватасиму би ҳаблиллоҳи ҷамиъан ва ло тафарраку», «инам ал-мӯъминуна ихватун фаслиҳу байна ахавайкум»[41] чашм пӯшида, уммати муттаҳидаи қавояи Муҳаммадиро ба номи шиа, суннӣ, зайдӣ, ваххобӣ фирқа-фирқа ва ҳар якеро душмани они дигар намесохтед, агар шумо аксари авомири Қуръониро фидои хавои нафси шаҳватпарасти худ

намекардед, агар шумо ғосибони ҳуқуқи миллатро ба тамаллуқ ва чоплусӣ муовинат наменамудед, яқин, ки ислом ба ҳолати имрӯза намеафтод. Акнун ҳам, ки агар аз барои ислом роҳи наҷоте ҳаст, ҳамин мактаби ҷадид аст. Чанд далели тори пудаш дурӯғро дар дӯкони дасисабофони иблис ёфта баровардаед, то инро низ баста номи исломро ба тамом аз сафҳоти Туркистон бардоред.

Инсофе то ба ин мартаба, ки садамазан вуҷуди ислом гардида ва мегардид, рӯзи растохез, ки «алявма наҳтиму ъало афвоҳиҳим ва тукаллимуно айдиҳим ва ташҳаду арҷулуҳум бимо кону яксибун»[42] шаммае аз хасоиси ӯст, агар расули худо рӯи худро аз шумо тофта «эй душманону бадхоҳони шариати анвари ман, аз худо натарсидед, мулоқоти имрӯзаи моро мулоҳиза накардед, ба шариати матини ман, ки ба шумо амонат супорида будам, хиёнат намудед, меҳнатҳоеро, ки барои тамҳиди асоси ин дини қавим кашида будам, зоеъ сохтед, бироведе, эй хоинони ҳуқуқи шаръ, эй дуздони авомири иллоҳӣ, «ҳозиқи ҷаҳаннаму лати кунтум туъадун» гӯед ба ҷуз шармандагӣ чӣ узре доред? Ба ғайри гирифтори азоби оллоҳ шудан чӣ хоке ба саратон хоҳед пошид? Мулоҳиза кунед, оё салоҳи шумо дар ин нест, ки ба ҳукми «фаҳким байнаноси ва ло татбиъи лҳаво»[43] тарки мутобиати ҳавои нафс намуда, аърози шахсиеро пушти по зада, халқи оллоҳро ба сӯи иттиҳоду иттифоқ ҳидоят карда, ба талаби илм тарғиб сохта, ҷадидони бечораро ки ҳақиқатан ходими дини мубини исломанд, ба кушоди макотиби ҷадида, ки тасҳили тариқи таҳсил ва сабаби тараққии исломиён аст, муовинат намоед?

М.— Не, ҳаргиз дар мамлакати худ ин мактабро нахоҳем кушод.

Ф.— Ба чӣ сабаб?

М.— Зеро бар тақдири ин ки ин мактаб ҳаром ҳам набошад бидъат аст.

Ф.— Оре, бидъат аст, аммо бидъат ду қисм мешавад: бидъати ҳасана, бидъати сайиа. Масалан: Қуръонро ба рӯи коғаз ба хати насх навиштан, бо аробаву киштии оташӣ Ҳаҷ рафтан, мадраса бино карда вақф таъин намудан бидъати ҳасана аст. Бо вуҷуди вазифаи муайян аз муллобачаҳои ғариб ҳақ-ул-тадрис пул гирифтан, гардани аспро ба овезаҳои тилло зиннат додан, ҷомаҳои

махмал, фарангӣ, кимхоб пӯшидан, дар айёми сайр ба аммомаҳои бузург ва тасбеҳҳои дароз ба бозихонаи занони рус даромадан бидъати сайиа аст. Исломиён бояд тӯпу туфанг созанд. Чаро? Зеро бидъати ҳасана аст. Ба кадом далел? Ба далели ин ки ҳифзи имрӯзаи ислом баста ба ҳамин аст. Уламо ифтитоҳ нагиранд. Ҷаро? Зеро бидъати сайиа аст. Ба чӣ далел? Ба далели ин ки ҳеҷ як аз бузургони ислом бо вуҷуди вазифаи муайян ҳақ-ул-тадрис нагирифтааид.

Исломиён бояд мактаби ҷадид кушоянд. Чаро? Зеро бидъати ҳасана аст. Ба кадом далел? Ба чанд далел: аввал: тариқи таҳсили мактабу мадрасаи шумо дароз аст. Бад-ин сабаб занони бечора аз касби шарафи илму ирфон, ки ба онҳо ҳам фарзу айн аст, маҳрум мемонанд. Дуюм: дар сурате ки онҳо бе илм монданд, чун ҳар беилм бетарбият аст, онҳо низ бетарбият хоҳанд монд. Маълум аст, ҳар кӣ ба дасти бе тарбият калон шавад, бетарбият калон мешавад. Бинобар ин шумо ҳам ки бе тарбият мемонед, чунончи мондаед. Сеюм: шуморо лозим аст улумеро, ки насоро ба воситаи доштани он бар шумо ғалаба карда, мехоҳанд номатонро аз сафҳоти олам бардоранд, таҳсил намоед. Агар ин улумро ба дарсҳои ҳолиатон зам карда ба тариқи қадим хонед, бояд дар шаст сол хатм кунед. Ин фоида надорад, агар дарсҳои ҳозираро тарк карда фақат улуми ҷадидро хонед ин ҳам маҳол аст, зеро дарсҳои ҳолия аксараш динист, намешавад тарк кард. Пас, бояд аз барои таҳсили худ тариқи тозае ёбед, ки ҳам улуми қадима, ҳам фунуни ҷадидаро бо камоли осоиш дар муддати дувоздаҳ сол ба синни ҳаждаҳсолагӣ ҳатм кардa, аз он ба фароҳамоварии асбоби ҳифзи ислом бикӯшед. Пас собит шуд, ки усули ҷадид илова бар ин ки бидъати ҳасана аст ва ҷоиз аст, лозиму воҷиб ҳам буда.

Қатъи назар аз инҳо бубинем худованд қиттолу ҷиҳодро ба оёти қасира чаро фарз карда?

М.— Барои ҳифзи ислом ва илқои калиматуллоҳ.

Ф.— Илқои калиматуллоҳро гузоштем, фақат ҳифзи байзаи ислом ба муслимини имрӯза ҳам фарз аст ё не?

М.— Албатта, фарз аст.

Ф.— Фарз кунем, дували насоро барои инҳидоми якборагии ислом ҳуҷум намоянд, чора чист?

М.— Маълум аст он вақт мудофиа ба ҷамеи афроти муслимин фарз хоҳад шуд.

Ф.— Дували насоро сарбози низомӣ, олоти ҳарбияи нория, мисли: тӯп, туфанг, динамит, бомб, аз барои лашкаркашӣ вопур, шамандуфар доранд. Оё мусулмонро ҳам лозим аст, ки асбоби мазкурро ба таври акмал дошта бошанд? Ё дар муқобили онҳо лашкари ғайри муназзами худро аз чӯбдаст, корд, ханҷар, шамшери каҷ, тиру камон мусаллаҳ карда, бо аробаҳои аспӣ ба роҳ андохта, бидуни ҳеҷ мамониат худро мағлуби куффор ва исломро маҳкуми измеҳлол намоянд?

М.— Албатта, лозим аст, ки аҳли ислом ҳам олоти ҳарбияи ҷадида дошта бошанд, зеро ки бидуни инҳо мудофиа ғайри мумкин хоҳад буд.

Ф.— Аз қарори изҳори шумо афроди муслиминро воҷиб аст ба касби тараққиёти ҳозираи дували насрония карданд, машғул шаванд?

М.— Бале, балки воҷиб аст, ки мавқеи худро аз дували насрония ҳам зиёда истеҳком диҳанд.

Ф.— Муддао равшантар шавад, масалан: аз ҷумлаи осори тараққиё, ки дували насрония аз барои ҳифзи шараф, сиёнати номус, таъмими нуфуз, таъмини сарвату осоиши худ ба майдон ниҳодаанд, тӯлу туфанг аст. Оё мусулмононро ҳам воҷиб аст, ки ба мулоҳизаи мақосиди мазкура тӯпу туфанг дошта бошанд?

М.— Албатта, воҷиб аст.

Ф.— Мусулмонон низ тӯпу туфангро ба тарике, ки дували насрония дуруст кардаанд, созанд ё аз пеши худ тӯпу туфанги тозае ихтироъ намоянд?

М.— Агар мумкин аст аз пеши худ тӯпу туфанге дуруст кунанд, ки аз моли насоро беҳтар бошад.

Ф.— Олоту адавоти маъмулаи дували насрония ҳосили илму иҷтиҳоди чандин ҳазорсолаи банни одам аст. Қарнҳо мегузарад, ҳанӯз нашунидаем, ки як нафар мусулмон намунаи яке аз онҳоро сохта бошад ва яқин донем, ки баъд аз ин ҳам нахоҳад сохт, магар вақте ки улуми ҳозираро комилан таҳсил намояд. Ҳоло чӣ мегӯед бояд мусулмонон ҳам тӯпу туфангро аз рӯи улуму фунуни ҳукамои фаранг дуруст кунанд ё мунтазир нишинанд то аз миёни мусулмонон ҳам ихтирои тозае зоҳир шавад?

М.— Чун интизори доимӣ мӯъҷиби ҳалоқат аст, мусулмонон рост, ки ҳар чӣ зудтар асбоби муҳофизати дину ватани худро аз рӯи улум ва фунуни ҳозира тартиб диҳанд.

Ф.— Пас аз рӯи иқрори худатон аҳли исломро кушоди мако-

тиби ҷадида ва таҳсили фунуни ҳозира воҷиб буда, ҳар кӣ барои манъи ин бархезад мункири шариат, душмани ислом, хоини ватан маҳсуб гардида. Дар дунё ва уқбо мағзубу мақҳури ҳазрати мунтақими ҳақиқӣ хоҳад буд.

**М.**— Ҳар қадар бисёртар сухан кунӣ ҳамон қадар бемаънитар мешавад. Китобҳои насороро, ки ба ҳукми «Қуръон» муҳаррафу мансух аст, таълими онҳо ба мо дуруст нест. Мехоҳӣ, ки ба зӯри суханварӣ таҳсили онҳоро ба мо воҷиб гардонӣ.

**Ф.**— Боз бигӯ чӣ дигар мегурезед? Иштибоҳкорӣ менамоед, он китобҳо, ки ба ҳукми Қуръони шумо муҳаррафу мансух аст «Инҷил», «Таврот», «Забур» аст, ки кутуби динии мост; дар ҳеҷ кадоме онҳо як хат дар бораи сохтани тӯпу туфанг мавҷуд намешавад. Ин улуме, ки ман таҳсили онҳоро ба шумо воҷиб мегӯям, улумест асоси онҳоро насоро аз осори ҳукамои исломия гирифтаанд. Улум санъатест дахле ба дину миллат надорад. Улумест, ки агар таҳсил намоед, шумо низ сими телеграф мекашед, аробаи оташӣ месозед, дар бист рӯз сад ҳазор сарбозро аз ин сари дунё ба он сар мебаред. Асрори Қуръонро мефаҳмед, ватани худро аз дасти бегонагон халос мекунед. Аз барои ҳифзи ислому илъои калиматуллоҳ тӯпу туфанг дуруст менамоед, усули мулкдорӣ, тиҷорат, зироатро дониста мамлакати худро обод месозед, миллати худро аз қайди асорат халос мекунед. Исломро ба ҳолати аввалӣ мебиёред. Ба виҷдонам қасам, имрӯза бақои ислом, тараққии ислом баста ба ин улум аст. Агар боз ҳам аз таҳсили ин улум даст кашидед, маҳол аст, ки сад соли дигар номи исломро дар сафҳоти Туркистон нигаҳдорӣ намоед.

**М.**— То кай даҳонатро аз манофии ин улуми маҳмула пур медорӣ? Магар ба хотир надорӣ замони тараққии салотини исломияро, ки Амир Темури Бухорӣ, Маҳмуди Ғазнавӣ, Нодиршоҳи Эронӣ ба ҳамин мадраса, ба ҳамин мактаб, ба ҳамин усули мулкдорӣ, ки мо дорем, ки тамоми оламро гирифтанд, ҳеҷ кадом эшон на ин улуми маҳмулаи туро хонда буданд, на шунида.

**Ф.**— Кадом замонро мегӯед? Замони тараққии ин подшоҳон кай буд? Тараққии эшон ку? Оламҳои гирифтаи онҳо куҷо рафт? Амир Темур кай гумон мекард, ки ахбори ҳаводиси Бухоро дар як шаб ба Ҳинд мерасад? Кай ба хотири Нодиршоҳ мегузашт, ки як нафар одам аз ду

хазор қадам роҳ дар як соат панҷоҳ касро мекушад? Дар замони Амир Темур муддати лашкаркашӣ аз Бухоро то Ҳинд як сол буд, ҳоло бист рӯз аст. Шак нест, ки ҳар яке аз ин подшоҳон Ҳиндро то Чин ба қабзаи тасарруф дароварда буданд, лекин ҳамин ки худашон мурданд, он шаҳрҳо низ ба ҳолати аввалӣ баргашт, тараққии онҳо муваққатӣ, вобаста ба зиндагии худашон буд. Тараққии дували Урупо доимист, зеро он вақт салтанати подшоҳони исломӣ тобеи райъи худашон буд, имрӯз райъи салотини Урупо тобеи ҳамин улум аст.

М.— Сухани ман дар инҳо нест, балки мегӯям: ҳамчунон ки дар замони собиқ подшоҳони исломӣ ба ҳамин мактаб, ба ҳамин мадраса, ба ҳамин улуми тараққикарда ба соири дувал фоиқ омаданд, ҳоло ҳам мумкин аст, ки ба ҳамин дастгоҳ мо низ мисли давлатҳои Урупо тӯп, туфанг, аскар ба ҳам оварда, тараққӣ намоем.

Ф.— Замони тараққӣи подшоҳони исломро ба ин вақт баробар накунед он вақт агар аслиҳаи шумо шамшери қаҷу тири камон буд аз насоро ин қадар ҳам не? Сарбози шумо бенизом буд аз насоро бенизомтар. Доираи улуми шумо маҳдуд, тариқи таҳсилатон мушкил буд, насоро ҳамин қадар ҳам надоштанд? Бинобар он подшоҳони шумо бар дували насрония ғолиб омада, ба илқои калиматуллоҳ муваффақ шуданд, лекин кам-кам куффор ба ин қадар мағлубият тан надода, қадам ба тариқи сайъу тараддуд ниҳода, кутуби уламои исломиро аз Бағдод ва Андалус ҷамъ карда, ба таҳқиқи асрори онҳо пардохта, асоси салтанатро бар аҳкоми «Қуръон»-и шумо ниҳода ба ҳукми «Ва ман юътиял ҳикмата фақад утия хайран касиро»[44] «Утлуб-ул илма ва лав би-с-син» кофӣ илму ҳикматро ба даст дароварда, табдили аслиҳа, яъне: шамшер, камон, найзаю тӯп, туфанг, бомб сохта, аскарро дар таҳти низом гирифта, савори ароба ва киштии оташӣ карда, бадин васила ба ҳукуматҳои исломӣ тафавуқ ҷуста, аксарро маҳкуму музмаҳил, баъзеро мағлубу мутазалзил сохтанд. Ҳоло агар таассуброро як тараф гузошта, мактабҳои мунтазам кушода, ҳамин улумеро, ки асоси тараққиёти олам аст, таҳсил намудед, фиҳо ал-мурод ва ило агар мактабатон, тариқи таҳсилатон, усули мулкдориатон ҳамин аст, мисли фарангон аскар надоштан саҳл аст, маҳол аст, ки мисли фарангон Бухоро дошта бошед.

М.— Шумо хуб марди донишманде будед. Воқеан тамоми

дардҳои ватану миллати моро ёфта, илоҷашро некӯ баён намудед, зотан мо низ дар бораи ин ки **«Аввалин наҷотдиҳандаи мо илм аст»,** мухолифат надорем, иштибоҳи мо мактаби ҷадид ва таҳсили улуми ҳозира буд, ки инро бо камоли хубӣ рафъ намудед, аз мусоҳабати ҷаноби шумо масрур гардидам, акнун мураххасӣ мехоҳам.

Ф.— Худо ҳофизи шумо!

## ХОТИМА

Дар ин чо рӯи қаламро ба сӯи олиҳазрат падари меҳрубони бухориён, подшоҳи миллатпаноҳ «ва фақахуллоху биратайъидил ислом»[45] гардонида арз мекунем, ки: Эй он ки ҳазрати кирдугор, зоти уқдусатро молики риқоби мо чамоаи муслимин гардонида, заъфи салтанатҳои исломия ба замири меҳри назират равшану хувайдост, бадеҳатан ба авлиёи давлатат маълум аст, ки имрӯз ё фардо душманони дини исломи мо афроди муслиминро ба рӯзи сиёҳи асирӣ менишонанд, анқариб аст ин хабисон, ки хусумати дини ислом аввалин вазифаи эшон аст, аз мо мутолибаи тарки дин менамоянд, чизе намонда, ки имоми мо ба поп, азони мо ба ноқус, масчиди мо ба калисо мубаддал мешавад, охир фикри муборакро дар ин тараф ҳам қадре машғул дор, ки дар ин сурат илочи мо бечорагон чист? Халоскунандаи мо кист? Дасти очизонаи моро аз ин гирдоби бало кӣ хоҳад гирифт? Нолаҳои музтарибонаи моро ба гӯши дилсӯзӣ кӣ хоҳад шунид? Оё имрӯз, ки чун зоти укдуси ҳумоюнат, падари меҳрубоне, фармонфармои ҳушманде, подшоҳи оқиле дорем, беҳтарин фурсатҳои мо нест? Оё ҳамин бақои вучуди ҳумоюнат аъзам ва соили начоти мо нахоҳад буд? Ҳошо, ба вичдонам қасам, ба вучуди муборакат савганд, агар фурсате лозим аст ва силае меҳоҳем ҳамин аст. Пас, чаро, ба кадом дилчамъӣ монанди меҳмонони тоза омада ба осудагӣ нишинем? То ин фурсат низ аз даст равад. Агар раиятат кӯшиш надоранд, айбе нест, бечорагон ғофиланд, хабар аз тарақкиёти олам надоранд, аммо зоти муборакат, ки чамеъи нукоти тараққиро, ки нукта ба нукта огаҳӣ. Эй падари меҳрубони миллати Бухоро, раҳме ба ҳоли раияти барчомондаат сохта, хидмате ба шариати Анвари муҳаммадӣ, ки аз чониби ҳақ супурдашудае ба вучуди муборакат аст, намуда ба танвири афкору тавсеи маорифи миллати аз по фитодаи худ иқдоме кун. Бале, «чунин кунанд бузургон чу кард бояд кор».

Сониян, умуми ҳамватанони азиз, бародарони динии мӯҳтарами худро мухотаб сохта бо камоли адаб мегӯям, ки: Бародарон! Басо рӯзҳо, хеле фурсатҳоро ба ғафлату танбалӣ гузаронидем. Ҳоло бас, дигар вақти ғафлат нест, ҳар кадоми шуморо маълум аст, ки насоро аз ҳар тарафе ба тохту този ислом сар бароварда ҳар соат барои нобуд кардани мо. барҳам задани дини мо баҳонае ба даст меоранд. Худ инсоф диҳед, кучо лоиқ аст, кӣ тачвиз карда, ки мо дар чунин сурате ки сели бало атрофамонро фурӯ гирифта, ба осудагӣ

нишаста, ҳеҷ вақте ба ҳеҷ ваҷҳе дасту поназанем, то куффор ба мо ғалаба намуда, дини моро аз миён бардошта, ватани муқаддаси моро, ки муддаҳост ба оғӯши ноз парварида поймол созанд. Агар васила, бе тараддудии шумо ин аст, ки дини ислом ҳақ аст, худо ҳофизи ӯст, ман ҳам дар ин ақидаи шумо шарикам, ман ҳам мегӯям ки ҳофизу носири ин дин аст, лекин он ҳам баста ба кӯшиши шумост, то шумо ҷони азизи худро ба кафи даст гирифта дар роҳи нусрати ислом набароед, яқинам, на шумо мусулмонед, на худо шуморо нусрат хоҳад кард! Ба далели ин ки худову расули ӯ ба мо ҷиҳодро фарз намудаанд, агар дар сурати ба хона нишастани мо худо нусрат мекард, чаро пайғамбари худо ба нафси нафиси худ ба ғазо мерафтанд, ин ҳама асҳобро барои чӣ ба куштан медоданд. Дур наравем, агар ақидаи ман рост нест чаро то ҳоло нусрат накарда. Агар сабаби бетараддудии шумо ҳадиси дурӯғи «куллу явмин бадтар» аст, ин худ ҳадиси пайғамбар нест, ҷумлаест сохта, қазияест қозиба, ки уламои ишкампарасти танбали шумо ӯро барои осудагии худашон ба дастёри иблис сохтаанд, то ба ин васила чашми ҳақиқатбинии шуморо баста бар вафқи ҳавои нафси худ зиндагӣ намоянд. Бале, уламои танбал он қадар ҳам танбал, ки калимаи форсии «башар» (мухаффафи «бадтар»)-ро маҳмули як казияи арабия қарор дода, аз барои батлони муддаои худ бурҳони қатъӣ дуруст намудаанд. Бародарон, ислом собиқан тараққӣ дошт, чизя мегирифт, ба баракати саъю ғайрати мусулмонон буд, имрӯз таназзул кард, ҷизя медиҳад, ба шумии бесаъйӣ, беғайратии мусулмонон аст, бале:

Ҷамъияти куфр аз парешонии мост,
Ободии бутхона зи вайронии мост.
Ислом ба зоти худ ҳамон аст, ки буд,
Ҳар айб, ки ҳаст, дар мусулмонии мост.

Ислом дини мост, ислом шарафи мост, ислом саодати мост, ислом боиси сарфарозии мост, ислом сабаби осоиши мост, исломро пайғамбари мо ба мо амонат супорида. Бухоро ватани муқаддаси мост, Бухоро модари меҳрубони мост, Бухоро ҷои нашъунамои мост, Бухоро маъшуқи азизи мост, Бухоро маҳбуби ба ҷон баробари мост, Бухоро аз мост, мо азБухороем! Пас, ба ин қадар ғафлат, танбалӣ, бехабарӣ, беғайратӣ нишаста нобудии ин дини мубин, поймолии ин ватани муқаддасро бо камоли бешарафӣ қабул кардани моро ҳеҷ шариат, ҳеҷ урф қа-

бул нахоҳад кард, балки уқалои олам, ҳаммиятмандони дунё моро лаънат карда хориҷ аз силки инсониятамо хоҳанд шумурд. Бародарон! Қадре ба ҳуш оед. Инсон ашрафи маҳлуқоти рӯи замин аст, шарафи инсон ба соири маҳлуқот ҳамин аст, ки инсон қобили тараққиву таназзул аст, соири ҳайвонот не. Ҳукамо аз барои тараққиву таназзули инсон се олам қарор додаанд: олами ҳайвонӣ, олами ҷамодӣ, олами инсонӣ. Ҳар кӣ дараҷаи инсонияти худро ба як ҳолат нигоҳ дорад, олами ҳайвонист, бо ибороти дигар, ҳайвон аст. Ҳар кӣ дараҷаи инсонияти худро аз мақоми муқаррарӣ таназзул кунонад, дохили олами ҷамодист, яъне ҷамод аст, Ҳар кӣ дараҷаи инсонияти худро аз ҳолати аслӣ тараққӣ диҳад, дохили олами инсонист, ҳукамо ӯро инсон меноманд. Охир инсофе, ки куффор тараққӣ кунанд, мо чаро таназзул? Куффор назди ҳамаи уқалои олам номи худро инсон ба қалам диҳанд, мо чаро ҷамод? Куффор бо камоли тамаввул ва осудагӣ зиндагӣ намоянд, мо чаро гадову фоқазода? Оё шарм намекунем, ки дар сурате ки ҳар рӯз насоро мисли аробаву вопури оташӣ ва сими телеграфӣ ҳазор ранг ҳунари тоза зоҳир месозанд, саноеъи мо мунҳасир ба аробачаи сайрӣ ва офтобаи сафол мемонад. Уфф, туф бар ин рӯзгори сиёҳ. Мо бояд аз дару девор ҳам хиҷолат кашем. Дар ҳолате ки хурдтарин амирони насор як лак сарбози мунтазам дорад, мо даҳ ҳазор дуздро ба даврамон ҷамъ карда, бозичаи атфоли худ қарор додаем. Эй ононе, ки ин китобчаи маро мехонед! Агар муҳаббате ба дин, ба Ватан, ба мол, ба ҷон, ба авлоди худ доред, агар чораи истихсоли дин, ривоҷи шариат, ободии ватан, осудагии авлод, бақои номи некро мехоҳед, илоҷи шумо аввалан **касби маориф** аст. Мустаидонро барои таҳсил ба пойтахти хилофати исломӣ фиристед: номустаидонро дар Бухоро ба кушоди макотиби мунтазама ионат намоед. Сониян, иттиҳод бо ҷамеи фирақи исломия, яъне ҳар як калимаи «ло илоҳа илла-л-лоҳу Муҳаммадун расулу-л-лоҳ» гӯяд ба ҳар мазҳабе, ки бошад, ӯро мусулмон донед. Возеҳтар гӯем: ихтилофи шиаву сунниро аз миёна бардоред; онҳо, ки шуморо аз тавассул ба ин асбоб манъ менамоянд, хоинони исломанд. Фиреби онҳоро нахӯред! Биллоҳу валлоҳ, на таҳсили улуми ҳозира ҳаром аст, на иттиҳоди ислом.

Вассалому ало ман иттабаъ алҳудо.

## ТАВЗЕҲ

1. Мутакасира — бисёр.
2. Метавофира — фаровон.
3. Қасрат — сабаб.
5. Истидъо — дархост, хоҳиш.
6. Ҳазз — насиба, ҳисса.

7. Талаб кунед илмро агар дар Чин ҳам бошад.
Талаб кунед илмро аз гаҳвора то ба лаҳад.
Илм иззати дунё ва шарафи охират аст.

8. Оё баробар ҳастанд зотоне, ки медонанд ва зотоне, ки намедонанд.
9. Ҳазиз — паст.
10. Вазифа — моҳона, маош.
11. Уламо нигоҳдорандаи амонати худовандапд дар замин.
12. Ҷомид — шах, беҷон.
13. Иштиқоқ — чизе бурун додан.

14. Уламои уммати ман мисли пайғамбарони бани Исроил ҳастанд. Уламо меросбарони пайғамбаронанд.
15. Беҳтарини халқ шахсет, ки нафъ расонад мардумро.
16. Талаби илм фарз аст ба ҳар як марди мусулмон ва зани мусулмон.
17. Шахсе, ки ояд ба як некӣ бас аз барои ҳамон шахс даҳ баробар некист.
18. Огоҳ бошед, эй мардумон ба таҳқиқ омад шумоёнро шоҳиде аз парвардигор ва нозил кардем ба сӯи шумоён нури мубинро. Пас аммо шахсоне, ки имон овардаанд ба оллоҳ ва эътисом кардаанд, зуд аст, ки дохил шаванд онҳо дар раҳмате аз худо ва фазле аз худо ва ҳидоят кунанд онҳоро ба сӯи роҳи рост.
19. Ҳамин китобест, ки нозил кардем моён бобаракат аст, пайравӣ бикунед. Шояд ки шумоён сазовори раҳмат шавед.

20. Ҷиҳод мекунед дар роҳи худо бо молҳоятон ҳамин аст беҳтар аз барои шумо агар донед.
Ва қатл кунед мушрикинро кофатан ҳамчуноне, ки муқотила мекунанд шумоёнро кофатан. Муқотила кунед шахсонеро, ки имон намеоваранд ба оллоҳ.

21. Содисан — шашум.
22. Тасаҳуб — соҳибӣ.
28. Байрам — ид.
24. Собиъан — хафтум.
25. Қасирулманфиат — пурнафъ.
26. Сареъ — уннатиҷа — зудҳосил.
27. Тавбеҳ — маломат.
28. Мусаккарот — майхурӣ.
29. Муаххаз — музд.
30. Ҷамъ нашаванд уммати ман бар гумроҳӣ.
31. Ва нагӯед мардум ҳангоме, ки забонатон намебардорад дурӯғи ин ҳалол аст ва ин ҳаром аст.
32. Қасе, ки гӯяд нест худое магар оллоҳу таоло, дохил намешавад дӯзахро.

33. Қасе, ки монанд кунад худашро ба қавме аз рӯи маҳаббат ва майлаш ба дини ҳамонҳо бошад, пас аз ҳамон қавм аст.
34. Рибо — судхӯрӣ.
35. Мускирот — масткунанда.
36. Ва нест парвардигоре, ки ирода кунад зулмро барои оламин ва парвардигор ҳидоят намекунад қавми зулмкунандаро.
37. Ва нестанд золим қавми ансор.
38. Худо аз шумо сабуриро хоҳон аст ва инсонро заиф офарида.
39. Асли ӯ дар замин ва шохҳояш дар осмон.
40. Қасе, ки ба шумо дастдарозӣ кунад, Шумо қадаре, ки ӯ дастдарозӣ кардааст, дастдарозӣ бикунед.
41. Ба ресмони худованд ҳама якҷоя чанг бизанед, аз ҳамдигар ҷудо нашавед. Дарҳақиқат мӯъминон бо ҳам бародаранд. Пас, дар байни бародарон ислоҳро ҷорӣ кунед.
42. Рӯзи қиёмат рӯзест, ки мо мӯҳр мезанем ба даҳони халқон ва сухан мегӯянд дастони эшон ва шаҳодат медиҳанд пойҳояшон ба он чизе, ки касб кардаанд.
43. Дар байни мардум хукм (адолатона) кун ва пайрави ҳавову ҳавас мабош.
44. Ва касеро, ки ҳикмат дода шавад, ростӣ, ки ӯро хайри бисёре дода шудааст.
45. Ва худованд ба пуштибонии ислом муваффақ гардонад.